Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

5 феврали соли 2003. Чоршанбе № 10 (12853)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.00 имзо гардид.

Дар бозор чӣ гап?

Ман ба мақоли халқии «Агар молат бошад, ба бозор бару шунав, дар он ҷо чӣ мегӯянд» амал карда, ба бозори шаҳри Янгийӯл роҳ пеш гирифтаму мароқ зоҳир кардам, ки вазъият дар бобати риоя кардани ҳуқуқи истеъмолгарон чӣ гуна аст?

—Хуб дарк кардам, ки шумо чиро фаҳмиданӣ ҳастед,— гуфт сокини шаҳри Янгийӯл Камолиддин Холқӯзиев.—Шояд, ман тамоми чиҳатҳои ҳуқуқи худро надонам. Агар онро медонистам, барои пурра истифода бурдан мекӯшидам. Гап дар сари ҳуқуқҳои истеъмолгар не, балки дар қобилияти харидории он мебошад.

Ман ба ин ҷо ба он мақсад омадам, то ки ба фарзанди мактабхонам пойафзол харам. Мехоҳам, пойафзоли арзону хушсифатро пайдо кунам. Мутаассифона, чунин пойафзолро пайдо карда натавонистам. Арзонаш бадсифат буду хушсифат қиммат. Агар хотирам фан надиҳад, дар Чирчиқи худамон корхонаи муштарак оид ба истеҳсоли пойафзоли бачагон фаъолият пеш мебарад. Вале дар бозор аз ин мол ному нишоне нест.

—Ман ҳуқуқҳои худро хуб медонам,—гуфт харидор Гулнора Аҳмадова, ки дар даромадгоҳи мағоза менишаст.— Вале барои бо фурӯшанда баҳсу мунозира кардан тоқатам намерасад. Мо одат кардаем, ки бигӯем: молҳои худамон бадсифатанд. Ана ба ин мол назар афканед. Моли Чин нест, балки аз они худамон. Қиматаш 20 ҳазор сӯм. Ба бозор даромада, дари мағозаи дилхоҳро кушоед, ҳамин қабил костюмро бо ҳамин тамға аз 70 ҳазор сӯм арзон харид карда наметавонед. Дар мо арзон медӯхтаанд. Дар мағозаҳои фирмагӣ бештар молҳои воридотиро пай мебаред, аммо хеле қимматанд.

Аз ин гуфтаҳо хулоса баровардан зарур аст, ки ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон, моломол кардани бозори дохила бо маҳсулоти хушсифат торафт аҳамияти калон касб мекунад. Аз ҳамин сабаб дар вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон созмон меёбанд.

—Мо ситодҳои такягоҳии худро дар дувоздаҳ маҳаллаи шаҳр ва даҳ ширкати манзилӣ, дар бозорҳо ташкил кардаем,— мегӯяд раиси Ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарони шаҳри Янгийӯл Шӯҳрат Эрматов.—Онҳо дар байни аҳолӣ корҳои тарғиботиро пеш мебаранд, дар бобати ҳаллу фасли муаммоҳо аз наздик ёрӣ мерасонанд.

Барои он ки ҳуқуқҳои истеъмолгарон ҳифз гардад, пеш аз ҳама сифати хизматро баланд бардоштан лозим, шаҳрвандони мо ба ин имконият такя намуда, талаб кардани ҳуқуқҳои хешро бояд ёд бигиранд.

Л.СУВОНОВ,
мухбири ӮзА.

Муборакбодиҳои самимона

Ба муносибати 65-солагии зодрӯзи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба унвони сарвари давлатамон аз номи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои мамолики хориҷа, ташкилотҳои ҷамъиятӣ муборакбодиҳои самимонаи сершумор мерасанд.

Дар барқияву муборакбодиҳо ба фаъолияти давлатии ӯ баҳои баланд дода шудааанд ва зикр ёфтаанд, ки бо номи Президенти Ӯзбекистон ба даст овардани истиқлолияти ҷумҳурият, амалӣ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ, баланд бардоштани обрӯву эътибори мамлакатамон дар арсаи байналхалқӣ, таъмини мӯътадилӣ ва амният дар Осиёи Марказӣ алоқаманд мебошад.

Инҳо муборакбодиҳои ҳудро ирсол намудаанд:

Президенти Ҷумҳурияти Лаҳистон **Александр Квасневский**, Президенти Руминия **Ион Илиеску**, Президенти Гурҷистон **Эдуард Шеварнадзе**, Президенти Ҷумҳурияти Қирғизистон **Аскар Акаев**, Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмонов**, Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федеролии Россия **Сергей Миронов**, Митрополити Тошканду Осиёи Миёна **Владико Владимир**, Котиби Шӯрои Амнияти Федератсияи Россия **Владимир Рушайло**, Раиси Шӯрои Сиёсии Ҳизби либералӣ-демократии Ҷопон **Таро Асо**, вакили халқи парлумони Ҷопон **Иоширо Морӣ**, раиси Ҳизби нави консервативии Ҷопон **Хирошӣ Кумагай**, Мири Маскав **Юрий Лужков**, Губернатори вилояти Свердлов **Эдуард Россел**,Ректори Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.Ломоносов, академик **Виктор Садовничий**, Президенти Фарҳангистони иқтисодиёти Россия ба номи Плеханов **Виталий Видяпин**, Президенти Клуби байналхалқии доктороии фахрии илмии Фарҳангистони улуми иқтисодиёти Россия ба номи Плеханов **Улф Ханнинг**, сардиректори Оҷонсии иттилоотии «Интерфакс» **Михаил Комиссар**, Президенти Палатаи савдову саноати Федератсияи Россия **Евгений Примаков**, ҷонишини аввали вазири умури хориҷии Федератсияи Россия **Вячеслав Трубников**, раиси Кумитаи авиатсионии байнидавлатӣ **Татяна Анодина**, раиси Конфедератсияи умумии иттифоқҳои касаба **Владимир Шербаков**, Президенти Ассотсиатсияи телевизиону радиошунавонии Федератсияи Россия **Эдуард Сагалаев**.

Президенти Ҷумҳурияти Молдова **Владимир Воронин**, Раиси Кумитаи иҷроия — Котиби иҷрогари ИДМ **Юрий Яров**, Президенти Ҷумҳурияти Осетияи Шимолӣ-Алания **Александр Дзасохов**, раиси Шӯрои Олии исломии Амрико Шайх **Муҳаммад Ҳишом Қаббонӣ**, раиси Консерни давлатии «Қизилқумнодирметалолтин» **Николай Кучерский**, раиси садорат, сардиректори иҷрогари Ширкати «Нюмонт Майнинг Корпорейшен» **Уэйн Мэрди**, Президенти Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Лукойл» **Вагиф Алекперов**, Президенти Палатаи савдои амрикоиву ӯзбекистонӣ **Чеймс Корниелл**, раиси садорати ширкати «Донавант Энтерпрайзис Инк» **Уилям Донавант**, намояндаи ваколатдори Бунёди Конрад Аденауэр оид ба мамлакатҳои Осиёи Марказӣ **Томас Кунце**.

Баҳри рушди коммуникатсияҳо

Ислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакатмон доманадор гардида, тамоми соҳаҳои хоҷагии халкро фаро мегирад. Аз он ҷумла, соҳаи нақлиёт, минҷумла, роҳи оҳан рушди минбаъдаи худро пайдо мекунад. Чунки ба ҳамагон маълум аст, ки роҳи оҳан раги шарёни иқтисодиёт ба ҳисоб меравад ва он ҳар чӣ тезтар инкишоф ёбад, ҳаҷман вусъат ёбад, то ба манзилҳои дуртарин, конҳои канданиҳои фоиданок расонда шавад, баҳри шукуфонии Ватан ва фаровонии халқамон хизмат мерасонад. Ва инро мо дар мисоли роҳи оҳане, ки ба шимоли ҷумҳурият— Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон расонда шуд, низ бараъҳо ҳис мекунем. Баробари ба истифода супурдани роҳи оҳани Навоӣ - Султонузтоғ - Учқудуқ - Мискен бисёр корхонаҳои нав, шабакаҳои хизматрасонӣ созмон ёфтанд ва дар бобати ба шуғли доимӣ фаро гирондани мардум нақши калоне бозиданд. Яъне барои афзун гардондани саҳми шимол ба иқтисодиёти ҷумҳурият саҳм мегузоранд.

Маълум аст, ки вилоятҳои Сурхондарёву Қашқадарё минтақаи ҷанубии ҷумҳурият ба ҳисоб меравад ва бисёр ноҳияву маҳалҳои кӯҳсори онҳо бештар аз набудани коммуникатсияҳои замонавии нақлиётӣ, аз он ҷумла роҳи оҳан ба як қатор муаммоҳо рӯ ба рӯ гардидаанд.

Барои мисол, ноҳияҳои Бойсуни вилояти Сурхондарё ва Деҳқонободи вилояти Қашқадарёро гирем. Ноҳияи Бойсун аз хатти роҳи оҳан дур воқеъ аст ва воситаи асосии баровариву молкашонӣ нақлиёти автомобилӣ мебошад, ки бешак ба арзиши аслии он таъсири манфӣ мерасонад. Яъне бурдану овардани бор қиммат меафтад. Дар хусуси ноҳияи Деҳқонобод ҳам чунин гуфтан мумкин аст. Роҳи оҳан то ноҳияи ҳамсояи он Ғузор омадааст. Ҳол он ки масофа байни Ғузору Деҳқонобод аз сад километр зиёд нест. Дар айни замон маҳалҳои мазкур, яъне ноҳияҳои Бойсуну Деҳқонобод аз канданиҳои фоиданок боянд ва онҳоро мебояд азхуд намуда, баҳри фоидаи хоҷагии халқ, фаровонии мардум истифода бурд. Аз ин рӯ ба мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди коммуникатсияҳои нақлиётии мамлакат, тараққиёти иқтисодӣ ва ичтимоии вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё, бо суръат ба рӯи об баровардани лоиҳаҳои азхудкунии конҳои канданиҳои фоиданок, ҳамчунин рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои ҷанубии ҷумҳурият Девони Вазирон қарорро «Дар бораи суръати баланд бахшидан ба сохтмони хатти нави роҳи оҳани Тошгузар — Бойсун — Қумқӯрғон» қабул намуд, ки ба рӯи об баровардани тадбирҳои доманадор ва корҳои зиёдеро пешбинӣ кардааст. Аз он ҷумла, сохтмони хатти нави роҳи оҳан марҳала ба марҳала ба амал бароварда мешавад. Яъне сохтмони қитъаҳои Тошгузар — Деҳқонобод ва Бойсун — Қумқӯрғони хатти нави роҳи оҳан солҳои 2003 - 2005 амалӣ гардонда мешавад. Барои сохтмон ҳамагӣ 20 фоиз маблағи бучаи давлатӣ сарф мегардад. 80 фоизи маблағи бокимонда аз ҳисоби Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темин йӯллари» пардохта мешавад. Қитъаи Деҳқонобод — Бойсуни хатти нави роҳи оҳан, ки аз ҳама душвор аст, аз ҳисоби маблағҳои сармояҳои хориҷа сохта мешавад. Барои ҳамин онро душвор мегӯем, ки корҳои бунёдкорӣ асосан дар кӯҳсор ба ичро расонда мешаванд, ки ба ҳамагон маълум аст, ки он ба осонӣ ба даст намеоянд. Мӯҳлати ба анҷом расондани сохтмони хатти роҳи оҳани Тошгузар — Деҳқонобод — Бойсун —Қумқӯрғон соли 2007 муқаррар гардидааст.

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Боштранслойиҳа» ва Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Тоштемирйӯллойиҳа» сарпудратчӣ оид ба сохтмони қабати заминӣ ва иншоотҳои сунъӣ Консерни давлатии «Ӯзавтойӯл» муқаррар гардидаанд. Сарфармоишгар ва сарпудратчӣ оид ба сохтмони хатти нави роҳи оҳан ва бунёди қабати болоии роҳ ҳам ташкилоту муассисаҳои Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари» дониста шудаанд. Сарпудратчӣ якҷоя бо лоиҳакашон ва ҳокимиятҳои вилоятҳои Қашқадарёву Сурхондарё вазифадор карда шудаанд, ки якҷоя бо Комиссияи ҷумҳурӣ тамоми муаммоҳои мавҷударо сари вақт ҳаллу фасл намуда, барои суръати баланд пайдо кардани сохтмони хатти нави роҳи оҳан тамоми имконияту захираҳои мавҷударо сафарбар кунанд.

Муқаррар гардидааст, ки бо маблағгарогирии сохтмони асосӣ аз ҳисоби бучаи давлатӣ баъди мувофиқи тартиб тасдиқ гардидани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ амалӣ гардонда мешавад.Дар ин бобат масъулияти асосӣ ба зиммаи Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари» гузошта шудааст.

Баробари мутасаддии асосӣ будан ба сохтмон ба Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари» як қатор имтиёзҳо ҳам пешкаш гардидаанд. Аз он ҷумла, ширкати мазкур ва Консерни давлатии «Ӯзавтойӯл» дар мӯҳлати тамоми ба рӯи об бароварданӣ сохтмон аз додани пардохти гумрукӣ барои таҷҳизоту маводи овардандa, ба ғайр аз маблағи расмигардонии онҳо озод карда мешаванд. Мувофиқи ризояти Консерни давлатии «Ӯзавтойӯл» Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари» ҳиссаҷудокунии худро ба Бунёди ҷумҳурии роҳ ба мӯҳлати муайян ба таҳвир гузоштаташ мумкин аст. Баробари ин ба коркуноне, ки дар ин ҷабҳа кор мекунанд, бо назардошти шароити мураккаби иқлимии маҳалҳо ва душвор будани корҳо коэффиссиенти музди меҳнат нисбати пешбинигардида дар вилояти Қашқадарё 1,4 ва дар вилояти Сурхондарё бошад, 1,3 зиёд муқаррар гардидааст.

Ҳамин тавр, қарори мазкур барои суръати баланд пайдо кардани корҳои сохтмони хатти нави роҳи оҳан мусоидат карда, қудрати нақлиёти роҳи оҳани мамлакатамонро боз ҳам баланд мебардорад ва он дар бобати шукуфонии иқтисодиёти Ватан ва фаровонии халқ боз як иқдоми дилпурона мегардад.

Т. ЭҲСОН.

Ҳуқуқҳои истеъмолгарон аз чиҳо иборатанд?

Мо дар бораи ҳуқуқҳои истеъмолгарон ва ҳифз кардани онҳо аз молҳои бадсифату ба ҳаёту умрашон зараровар бештар ҳарф мезанем, корҳои доманадори тарғиботиву таблиғотиро пеш мебарем. Вале ба мақоли халқии «Аз ҳазор маротиба шунидан як бор дидан беҳтар аст» такя намуда, бо шумоён, истеъмолгарон маслиҳат медиҳем, ки барои дарк кардани ҳуқуқҳои хеш пеш аз ҳама ба Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон» рӯ оваред, нуктаву моддаҳои онро мутолиа намуда, хулосаи даркорӣ бардоред. Аз он ҷумла дар моддаи 4-уми он дар хусуси ҳуқуқҳои истеъмолгарон чунин сатрҳо иншо гардидаанд:

Барои гирифтани маълумоти дурусту пурра оиди мол (кору адои хизмат), ҳамчунин истеҳсолгари (иҷрогар, фурӯшандаи) он;

озодона интихоб кардани мол (кор, адои хизмат) ва ба дараҷаи зарурӣ сифатнокӣ будани он;

бархурдор гардидан аз қусури зарари расондаи мол (кор, адои хизмат) ба ҳаёт, тандурустӣ ва молу мулк аз амалиёти ғайриқонунии истеҳсолгар (иҷрогар, фурӯшанда), ситонда гирифтани зарари моддиву маънавӣ;

ба мақсади таъмини барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолгардида, дигар манфиатҳои қонуниаш, ки тавассути қонун ҳифз карда мешаванд, мурочиат кардан ба суд, дигар ташкилотҳои давлатии ба ин соҳа ваколатдоргардида;

созмон додани иттиҳодияҳои ҷамоатӣ дар самти мазкур.

Баҳри ҳимояи иҷтимоии гурӯҳи истеъмолгарони алоҳидаи ба кӯмак эҳтиёҷманд мувофиқи талабҳои қонунгузорӣ дар бобати расондани хизмати саводо, маишӣ ва дигар намудҳои хизмат имтиёз ва афзалиятҳо муқаррар шуданаш мумкин аст.

Баробари донистани ҳуқуқҳо ӯҳдадориҳои худро низ фаромӯш накунед ва ба хариду фурӯши молҳое роҳ нагузоред, ки ба ҳаёт, тандурустии худ, аҳли байт, дигарон ҳавфи калон оварданашон мумкин аст.

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Боштранслойиҳа» ва Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Тоштемирйӯллойиҳа» сарпудратчӣ оид ба сохтмони қабати заминӣ ва иншоотҳои сунъӣ Консерни давлатии «Ӯзавтойӯл» муқаррар гардидаанд. Сарфармоишгар ва сарпудратчӣ оид ба сохтмони хатти нави роҳи оҳан ва бунёди қабати болоии роҳ ҳам ташкилоту муассисаҳои Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари» дониста шудаанд. Сарпудратчӣ якҷоя бо лоиҳакашон ва ҳокимиятҳои вилоятҳои Қашқадарёву Сурхондарё вазифадор карда шудаанд, ки якҷоя бо Комиссияи ҷумҳурӣ тамоми муаммоҳои мавҷударо сари вақт ҳаллу фасл намуда, барои суръати баланд пайдо кардани сохтмони хатти нави роҳи оҳан тамоми имконияту захираҳои мавҷударо сафарбар кунанд.

Муқаррар гардидааст, ки бо маблағгарогирии сохтмони асосӣ аз ҳисоби бучаи давлатӣ баъди мувофиқи тартиб тасдиқ гардидани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ амалӣ гардонда мешавад.Дар ин бобат масъулияти асосӣ ба зиммаи Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари» гузошта шудааст.

Баробари мутасаддии асосӣ будан ба сохтмон ба Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари» як қатор имтиёзҳо ҳам пешкаш гардидаанд. Аз он ҷумла, ширкати мазкур ва Консерни давлатии «Ӯзавтойӯл» дар мӯҳлати тамоми ба рӯи об бароварданӣ сохтмон аз додани пардохти гумрукӣ барои таҷҳизоту маводи овардандa, ба ғайр аз маблағи расмигардонии онҳо озод карда мешаванд. Мувофиқи ризояти Консерни давлатии «Ӯзавтойӯл» Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари» ҳиссаҷудокунии худро ба Бунёди ҷумҳурии роҳ ба мӯҳлати муайян ба таҳвир гузоштаташ мумкин аст. Баробари ин ба коркуноне, ки дар ин ҷабҳа кор мекунанд, бо назардошти шароити мураккаби иқлимии маҳалҳо ва душвор будани корҳо коэффиссиенти музди меҳнат нисбати пешбинигардида дар вилояти Қашқадарё 1,4 ва дар вилояти Сурхондарё бошад, 1,3 зиёд муқаррар гардидааст.

Ҳамин тавр, қарори мазкур барои суръати баланд пайдо кардани корҳои сохтмони хатти нави роҳи оҳан мусоидат карда, қудрати нақлиёти роҳи оҳани мамлакатамонро боз ҳам баланд мебардорад ва он дар бобати шукуфонии иқтисодиёти Ватан ва фаровонии халқ боз як иқдоми дилпурона мегардад.

Т. ЭҲСОН.

Ӯзбекистон—Испониё: шарикии босамар

Таъминоти об беҳтар мегардад

Дар рафти сафари давлатии Президенти мамлакатамон Ислом Каримов ба Шоҳигарии Испониё созишномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо расиданд. Онҳо барои ба дараҷаи баланд рушд ёфтани ҳамкории иқтисодӣ, фарҳангиву маърифатӣ байни ду мамлакат хизмат мекунанд.

Чуноне, ки сарвари давлатамон зикр намуданд, решаи равобити дӯстона байни мамлакатҳоямон аз қаъри асрҳо об мехӯрад ва баробари ба даст омадани истиқлолияти Ӯзбекистон вай бори дигар ба роҳ монда шуда, инкишофи худро пайдо менамояд.

Ба мақсади беҳдошти таъминоти оби аҳолии вилояти Бухоро се сол муқаддам Шоҳигарии Испониё вомро ба андозаи 16 миллиону 175 ҳазор евро ҷудо намуд. Дар асоси он Ширкати «Дегремон Медис Амбенте С.М»-и Испониё ба зиммаи худ расонда додани таҷҳизоти замонавиро барои таҷдиди шабакаҳои об, истгоҳҳои насосӣ дар шаҳрҳои Бухоро,Когон ва ноҳияи Олот гирифт.

Пажӯхишгоҳи давлатии лоиҳакашии «Ӯзбекоммунал-лойиҳа» лоиҳаи махсусро таҳия намуд ва байни ширкатҳои хориҷа ва Иттиҳодияи истеҳсолии «Бухоросувоқова» шартнома дар хусуси амалӣ гардондани лоиҳаи мазкур ба имзо расид.

Ҳоли ҳозир корҳо оид ба тармим ва гузоштани таҷҳизоти нав ба шабакаҳои об, истгоҳҳои насосӣ оғоз ёфтаанд. Баробари ба иҷро расидани ин корҳо дар вилояти Бухоро оид ба таъмини оби ошомидӣ ягон муаммо сар намезанад. Техника бо компутер пурра идора карда мешавад. Ҷорӣ кардани технологияи замонавӣ танҳо баробари истифода бурдани энергияи барқ имконияти сарфа намудани ҷанд миллион сӯмро фароҳам меоварад.

Илҳом САФАР,
мухбири ӮзА.

«Бозори ашёи Челонзор» ба кор даромад

Дар пойтахти мамлакатамон 1 феврали соли кунун ба фаъолият Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Бозори ашёи Челонзор» шурӯъ намуд.

Аз аввали моҳи сентябри соли гузашта то ҳол дар ин ҷо корҳои зиёди таҷдидӣ ва таммимӣ ба рӯи об бароварда шуданд. Дар бозор дуним ҳазор шабакаи савдо , ба таври илова шабакаҳои нави савдо ба вуҷуд оварда, мавҷудаашон аз нав чиҳозонида шуданд.

Анборҳо, шабакаҳои хизматрасонии хӯроки умумӣ ва маишӣ, истгоҳи автомобилҳоро сохтанд. Номи бозор тағйир ёфта, ба худ «Бозори ашёи Челонзор» унвон гирифт.

Ҳангоми таҷдиди бозор ба лоиҳакашии шабакаҳои муҳандисӣ, риоя намудани меъёру талабҳои санитариву гигиенӣ диққату эътибори калон нигаронда шуд. Ҳамчунин корҳо оид дар ҳуқуқи иҷоравӣ ба иҷро расиданд.

Ҳангоми кушоиши «Бозори ашёи Челонзор» ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон К.Тӯлаганов, ҷонишини Нахуствазир М.Усмонов, ҳокими шаҳри Тошканд Р.Шоабдурраҳмонов иштирок намуданд.

(ӮзА).

Баҳор дар мекӯбад

Сардии ҳаво паст гардида, нафаси баҳор мерасад. Дар кӯчаву хиёбонҳо ва боғҳои вилояти Бухоро бошад, корҳои ободониву сабзу хуррамгардонӣ оғоз ёфтаанд. Техникаи кишоварзӣ ба мавсим хушсифат таҳт гардида, аз тарафи комиссияи махсус қабул карда мешавад. Ба саҳроҳо поруи маҳаллиро мебороранд. Чӯю захбурҳои дохилихоҷагӣ ва каналҳои байнихоҷагӣ тоза мегарданд.

Махсусан дар шаҳри Бухоро ба корҳои ободонӣ диққати эътибори махсус нигаронда шудааст. Дар ин кор тамоми аҳли маҳаллаҳо, қариб ҳафтод корхонаву ташкилот ва муассисаи шаҳр фаъолона иштирок мекунанд.

Дар кӯчаҳои шаҳр то баҳор шинондани 15 ҳазор бех ниҳоли арчаи сиёҳ, ҳазор бех ниҳоли сафедор, 30 ҳазор бех ниҳоли дарахтони боровар ва беш аз 200 ҳазор кӯчати гулҳо дар назар дошта шудааст.

(Мухбири ҳудамон).

Гулчини ахбор

Маҷлиси комиссияҳои муштарак

29-30 январи соли кунун дар шаҳри Киев маҷлиси навбатии ба ҳисоб панҷуми комиссияҳои муштараки ӯзбекистониву украинӣ оид ба ҳамкории ҳамҷониба таҳти сарпарастии Нахуствазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Украина ба амал омад. Дараҷаи баланди анъанавии ҳамкорӣ, ба ҳамдигар муфид будани он зикр ёфт.

Баробари ин захираҳои мавҷуда самаранок истифода намегарданд, ҳамкорӣ дар дараҷаи байниминтақавӣ ба қадри зарурӣ рушд намеёбад. Дар маҷлис тадбирҳое андешида шуданд, ки ба вусъат додан ва амиқ гардондани ҳамкорӣ байни ду мамлакат нигаронда шуданд.

Аз рӯи натиҷаҳои кори комиссияҳои байнихукуматӣ ҳуҷҷат ба имзо расид. Ҳамчунин созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Донишкадаи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд ва Фарҳангистони миллии ҳуқуқшиносии Украина ба номи Я.Мудрий ба имзо расид.

Сармояҳои хориҷа ба мамолики Осиёи Марказӣ

Дар меҳмонхонаи «Шодлик» палас»-и пойтахт конфронси байналхалқии дурӯза таҳти унвони «Ислоҳоти иқтисодӣ ва ҷалб сохтани сармояҳои хориҷа ба мамлакатҳое, ки ба иқтисоди бозаргонӣ мегузаранд: сабаққо аз гузашта ва пешомадҳои рушд барои Осиёи Марказӣ» ба амал омад, ки созмондиҳандаи он Маркази тадқиқотҳои иқтисодӣ барои ҷонибдории Барномаи рушди СММ ва Ҳукумати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон буданд. Дар кори он намояндагони ҳукуматҳои мамолики Осиёи Марказӣ, Барномаи рушди СММ, сектори хусусӣ, корбастони хориҷа аз рӯи масъалаҳои иқтисодиёти мамолики Аврупои Марказӣ ва Шарқ, ҳамчунин як қатор ташкилотҳои байналхалқӣ оид ба мадади техникӣ иштирок намуданд.

Ҳангоми конфронс иштирокдорони он ба таҷрибаи мамлакатҳое, ки давраи гузаришро аз сар мегузаронанд, оид ба масъалаи ҷалб сохтани сармояҳои бевоситаи хориҷа, рушди тадбиргарии хусусӣ ва ислоҳсозии соҳаи молия ошно гардиданд.

Таклифхоро оид ба мувофиқ кунондани онҳо ба шароити Осиёи Марказӣ дида баромаданд.

Баъди анҷоми конфронс тавсияҳо таҳия гардиданд. Зарурати ҷалб сохтани сармояҳои хориҷа ба саноати сӯзишвориву энергетикӣ, дар соҳа ба вуҷуд овардани обектҳои таъминоти барқ, истеҳсоли озуқа махсусан ба забон гирифта шуданд.

Дар кори конфронс Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон В.Голищев иштирок намуд.

Кураш ба бозиҳои Осиё дохил гардид

Кураши ӯзбек маҳбубият ва оммавиятро дар саросари ҷаҳон пайдо мекунад. Соли 1998 вай ба арсаи байналхалқӣ роҳ пеш гирифт. Дар фурсати кӯтоҳ дар беш аз 60 мамлакати ҷаҳон Федератсияи кураш созмон ёфт. Ҳар сол мусобиқоти ҷаҳон аз рӯи ин намуди варзиш ба амал мераванд.

24 январи соли кунун дар Қувайт маҷлиси XXII Ассамблеяи Генералии Шӯрои олимпии Осиё ба амал омада, дар он ба банди 59 Оинномаи ташкилоти мазкур тағйирот ворид гардид. Акнун кураш расман аз тарафи Шӯро эътироф гардид ва аз барномаи бозиҳои тобистонаи Осиёи ҷо пайдо мекунад.

Дар Кумитаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба муносибати ба барномаи бозиҳои Осиё ворид гардидани кураши ӯзбек нишасти маҳтуотӣ ба амал омад.

—Кураш, ки яке аз арзиши бебаҳои миллии мост, намуди дӯстдоштаи варзиш дар саросари ҷаҳон мегардад,— гуфт раиси кумита, президенти Ассотсиатсияи байналхалқии кураш Комил Юсуфов. — Ба барномаи бозиҳои Осиё ворид гардидани кураш боз як иқдоми таъриҳӣ дар роҳи ба дараҷаи бозиҳои олимпӣ баровардани он мебошад. Зеро мақсади асосии мо ҳам аз барномаҳои бозиҳои олимпӣ ҷо пайдо кардани он мебошад.

Ҷамъомадҳои кумитаҳои Олий Маҷлис

Маҷлиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои ислоҳсозии иқтисодиёт ва тадбиргарӣ ва ичрои Қонун «Дар бораи кафолатҳои озодӣ ба фаъолияти тадбиргарӣ» дар вилояти Хоразм бахшида шуда, таҳти сарпарастии раиси он М.Умаралиев гузашт.

Дар ин бора ҳисоботи ҷонишини ҳокими вилояти Хоразм М.Шарифов, намояндагони ташкилотҳои мухталиф шунида шуданд. Баробари номбар кардани комёбиҳо иштирокдорони он бештар дар хусуси камбудиҳо ва муаммоҳои ҳалношуда фикру мулоҳизаҳои хешро баён карданд. Аз он ҷумла, зикр ёфт, ки назорат аз болои ичрои барномаи рушди соҳибкории хурду миёна суст. Имкониятҳои бонкҳои хориҷа, ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ суст истифода бурда мешаванд. 5 корхонаи муштарак созмон дода шуду ба кор шурӯъ накард. Дар ноҳияи Янгиариқ ягон корхонаи муштарак фаъолият пеш намебарад. Дахолати ғайриқонунии шахсони мансабдор ба фаъолияти хоҷагиои фермерӣ ва дигар сохтори тадбиргарӣ давом дорад.

***

Маҷлиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои илм, таълим, фарҳанг ва варзиш, ки дар гирди «мизи мудаввар» ба амал омада, таҳти сарпарастии раиси он Нарзулло Ҷӯраев гузашт, ба омӯзиши суханронии сарвари давлатамон дар иҷлосияи IX Олий Маҷлис бахшида шуд.

Иштирокдорони он ҷонибдор будани худро оиди ислоҳотҳо баён намуда, фикру мулоҳизаҳои хешро оид ба ичрои корҳо, амалӣ гардондани тадбирҳои озодкунии ҷамъият, аз нигоҳи маънавӣ такмил додани ҷамъият, таъмини волоият доштани қонунҳо, қонеъ гардондани талабҳои ичтимоиву маънавии шаҳрвандон ифшо сохтанд. Дар партави Фармони Президент ва қарори ҳукумат ба роҳ мондани варзиш дар байни бачагон, аз нигоҳи чисмониву маънавӣ баркамол ба воя расондани ҷавонон вазифаи муҳим буданаш ба алоҳидагӣ зикр ёфт. Дар хусуси ба рӯи об бароварданӣ тадбирҳо бахшида ба Соли маҳаллаи обод ҳам сухан рафт.

Ҳамчунин масъалаҳои ислоҳсозии парлумон, сохтмони ҷамъияти демократии ҳуқуқбунёд, нақш ва аҳамияти сохтмони ҷамъияти, шаҳрвандӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Омодагӣ ба Наврӯз

Наврӯз иди аз ҳама маҳбубу азизи халқамон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ ба он дар тамоми вилоятҳо, Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва шаҳри Тошканд омодагии пухта мебинанд. Баробари таҳия намудани барномаҳои консертӣ ба тозакунии маҳаллаҳо, мавзеъҳо, деҳот, сабзу хуррамгардонии гирду атроф диққати эътибори калон нигаронда шудааст.

Маълум аст, ки тантанаҳои асосии Наврӯз дар пойтахти ҷумҳурият дар Боғи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ гузашта, дар дигар хиёбону боғҳои истироҳат сайри умумихалқӣ ба амал меоянд. Ба мақсади хубу марғуб ва хотирмон гузаштани иди умумихалқии Наврӯз иборат аз арбобони намоёни ҷамоатӣ, фарҳанг ва санъат гурӯҳи ташкиливу эҷодӣ созмон ёфтааст.

Маҷлиси ана ҳамин гурӯҳ ба амал омада, дар он вазири фарҳанг Баҳром Курбонов, сарвари гурӯҳи ташкиливу эҷодӣ, сардиректори Иттиҳодияи эстрадии «Ӯзбекнаво» Баҳодур Абдурраҳимов дар хусуси тайёрӣ ба Наврӯз иттилоъ доданд. Аҳвол гурӯҳи эҷодӣ таҳти сарпарастии Шоири мардумии Ӯзбекистон, Қаҳрамони Ӯзбекистон Абдулло Орипов дар хусуси сенарияи идона кор пеш мебарад. Ва он иборат аз ҳафт қисми барномаи театрикунондашудаи мусиқиву рақсӣ мегардад.

Ба намоиш додани санъати халқӣ, урфу одатҳои миллӣ диққату эътибори калон нигаронда мешавад.

Мебояд аз тамоми имкониятҳо истифода бурд. Чунки Наврӯз иди умумихалқӣ буда, барои тамоми онҳое, ки дар Ӯзбекистон истиқомат мекунанд, муқаддасу азиз аст.

Дар хусуси беҳдошти корҳо дар ин бобат фикру мулоҳизаҳо баён гардиданд.

Дар сафи беҳтаринҳо

Пештар хабар дода будем, ки тими яккачини футболбозон-ҷавонони Ӯзбекистон дар мусобиқоти Осиё бомувафақият баромад карда, чои чорумро ишғол намуд ва ҳуқуқи дар мусобиқоти ҷаҳон иштирок карданро ба даст овард.

Ба қарибӣ маросими қурҳапартоӣ дар байни иштирокдорони ин мусобиқаи бонуфуз ба амал омад. Тими яккачини Ӯзбекистон аз гурӯҳе ҷо гирифт, ки онро мутахассисони «гурӯҳи марг» меғӯянд. Чунки иштирокдорони он дар ин соҳа комёбиҳои калонро ба даст овардаанд. Аз он ҷумла, Малӣ қаҳрамони қитъаи Африқо бошад, тими Аргентина қаҳрамони ҷаҳон то ҳол ast. Испониё яке аз тимҳои беҳтарини ҷаҳон махсуб гардидааст.

Ҳамин тавр, мусобиқаҳо аз 26 март то 16 апрел дар Аморати Муттаҳидаи Араб ба амал меоянд ва м

Шарҳи рӯзнома

Мақсад—рағбатноксозии сектори хусусӣ

Маълум аст, ки дар мамлакати мо озодкунии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ собитқадамона давом дорад. Барои сершакла гардидани амволдорӣ корҳои зиёде карда мешаванд. Баробари амволи давлатӣ шаклҳои мухталифи мулк, аз қабили саҳҳомӣ, ҷамоавӣ, иҷоравӣ, хусусӣ оммавият пайдо мекунанд, амволдороне воқеӣ ба вуҷуд омада, онҳо такягоҳи асосии ҷамъият мегарданд.

Вале марҳалаи навбатии рушди муносибатҳои бозаргонӣ андешидани тадбирҳои иловагӣ, боз ҳам мустаҳкам кардани мавқеъ, ҳисса ва аҳамияти сектори хусусиро дар иқтисодиёт таҳқозо дорад. Ба ҳамин мақсад Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз таҳрихи 24 январи соли кунун «Дар бораи тадбирҳо оид ба куллан вусъат додани ҳисса ва аҳамияти сектори хусусӣ дар иқтисодиёти Ӯзбекистон» интишор ёфт, ки амалӣ гардондани тадбирҳои зиёдеро пешбинӣ карда, ба мақсади рағбатноксозии рушди босуръатонаи сектори хусусӣ, куллан баланд бардоштани нақш ва аҳамияти он дар иқтисодиёти мамлакат, қатъан тағйир додани низоми корпоративии идоракунии корхонаҳои хусусигардондашуда нигаронда шудааст. Ва онро агар мухтасар тавзеҳ диҳем, иқдоми навбатии муҳим дар бобати амиқ гардондани ислоҳоти иқтисоди бозаргонӣ, баланд бардоштани мавқеи сектори хусусӣ, мақоми муҳим ишғол кардани он дар истеҳсоли маҳсулоти умумии дохила, ба яке аз манбаи асосии даромади шаҳрвандон мубаддал ёфтани сектори хусусӣ мебошад.

Дар он садоқатмандии давлати мо ба яке аз усулияти асосии тараққиёти худ, яъне маҳдуд сохтани дахолати давлат ба соҳаи иқтисодиёт, ба соҳаи фаъолияти хоҷагидории субектҳо, дар навбати аввал сектори хусусӣ бори дигар акси худро пайдо кардааст. Ва он созгори замон буда, яке аз самтҳои асосии устувори амиқгардонии дигаргуниҳои демократӣ ва ба вуҷуд овардани ҷамъияти шаҳрвандиро дар мамлакатамон ташкил медиҳад. Охир, давлати мо роҳи муайян кардани самтҳои стратегиро дар рушди иқтисодиёт, таъмини бечунучаро иҷро гардидани қонунҳо, қарорҳо, рағбатноксозии ташаббускорӣ ва тадбиргарӣ, фароҳам овардани шароити якхелаву рақобати солимро дар байни субектҳои хоҷагидорӣ мақсади асосии худ қарор додааст ту мувофиқи ана ҳамин нукта қарору амр, фармон нитишор мекунад, қонунҳоро қабул менамояд.

Мо синфи амволдоронро такягоҳи асосии ҷамъиятамон донистаем ва барои мустаҳкам шудани мавқеи он дар ҷамъият кулли тадбирҳоро меандешем, саҳми давлатиро дар ин молу мулк пайваста кам мекунему бо ҳамин ба субектҳои хоҷагидорӣ арзи амали озодонаро фароҳам меоварем. Маълум аст, ки то ҳол дар амволи саҳҳомон, молу мулки ҷамоавӣ саҳмҳои давлат панҷоҳ ва аз он бештарро ташкил медод. Мувофиқи фармони мазкур ин саҳм ба 25 фоиз ва аз он камтар фуроварда мешавад. Яъне ин амалия ҳавасмандгардонии сектори хусусиро таъмин месозад. Зиёд будани саҳми давлат дар шаклҳои мухталифи моликият, чуноне ки амалия нишон медиҳад, боиси дахолати зараровар ва гуфтан ҷоиз бошад, ҷорӣ гардидани усули пештараи амрдиҳиву фармонфармоӣ гардид. Бештар ба «бӯғӣ» кардани ташаббус ва тадбиргарӣ оварда расонд. Ва он дар навбати худ ба рушди ҷараёни хусусигардонӣ монеаҳои сунъиро ба вуҷуд овард.

Акнун мувофиқи Фармони мазкури Президенти ҷумҳурият вазъият ба куллӣ тағйир меёбад. Дар он маҳаҳҳе муайян гардидааанд, ки нигоҳ доштан ва ё надоштани саҳмҳои давлатиро дар активҳои корхонаҳо ва итиҳодияҳои хоҷагидорӣ муайян мекунанду низоми корпоративии идоракунии корхонаҳои хусусигардондашударо ба куллӣ тағйир медиҳад. Акнун иттиҳодияҳо, консернҳо, ассотсиатсияҳо, ширкатҳо ва дигар сохторҳои муқтадир ба корхонаҳое, ки ба таркибашон шомиланд, дар бобати дахолат кардан ба фаъолияти оҷилиашон ҳақ надоранд. Танҳо сиёсати техникиро амалӣ мегардонанд. Онҳо аз ҳуқуқи тақсим карда додани захираҳои ашёи хому моддӣ ҳам маҳрум карда шудааанд. Ва он боз як фишанги муҳим дар бобати решакан кардани низоми пештараи маъмуриву фармонфармоӣ мебошаду дар бобати татбиқ гардидани механизмҳои иқтисоди бозаргонӣ маҳаки муҳим мегардад.

Марҳала ба марҳала дар бозори фондӣ дар бадали солҳои 2003-2004 фурӯхтани саҳмҳои давлатӣ ба пешрафти корхонаҳои хусусигардондашуда мусоидат мекунад, ба даромадашон даромад зам менамояд. Охир, дар ин бобат ба 25 фоиз ва аз он камтар фуровардани саҳмияҳои давлат дар ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва дигар шаклҳои моликият дар назар дошта шудааст. Баробари ин аз 1 феврали соли кунун ҳаҷми ҳадди аққали сарвати бунёди оинномавии ҷамъиятҳои саҳҳомии тарзи кушод ба ҳамарзиши 50000 доллари амрикӣ аз рӯи курби Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон расондан ҳам аҳамияти калон дораду онҳоро аз ҳар гуна бухрону нобасомониҳо начот бахшаду фаъолияташонро доманадор созад. Ва ин ҷараён бояд то 1 январи соли 2004 ба анҷом расад. Миқдори иштирокдорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуд ва ё масъулияташ иловагӣ аз 50 шахси ҳуқуқиву ҷисмонӣ зиёд нагардиданаш ҳам то андозае саҳҳомонро аз ҳар гуна ҳодисаҳои ногувор эмин нигоҳ медорад.

Мувофиқи Фармони мазкур низоми идоракунии ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва корхонаҳои хусусӣ хеле содда гардонда шудааст. Дар ин бобат нақши ҳалкунанда ба маҷлиси умумии саҳҳомон дода шудааст, ки дар бобати баланд бардоштани масъулияти ҳар як саҳҳом нисбати ҷамоаи худ аҳамияти калон дорад.

Агар ҷамъияти саҳҳомӣ нуктаҳои фармонро пурра иҷро накунад, дар он сурат минбаъд ба корхонаи хусусӣ мубаддал сохтанаш дар назар дошта шудааст. Яъне мулки хусусӣ асоси иқтисодиётро ташкил диҳад ва тадбиргарии хусусӣ такягоҳи иқтисодиёт гардад, ҳиссаву аҳамияти сектори хусусиро дар ҷамъиятамон баланд мебардораду самти устувори дар мамлакатамон ба рӯи об бароварданд. Ва ин ҷараёнро доманадор созад. Ва ин ислоҳоти иқтисодӣ ва дигаргуниҳои бозаргониро ташкил медиҳад.

Бонуи илмҷӯе аз Ҳуфар

Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,
Ҳар ҷо, ки равӣ азизу маҳрам бошӣ,
Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,
То тоҷи наберагони Одам бошӣ!

Аз айёми дар мактаби №8 ба номи К. Ҳамидов хонданаш муаллимон аз лаёқати хосса, шавқу ҳаваси ӯ пай бурда буданд. Ҳамин шавқмандӣ ба адабиёт Анзуратро пас аз хатми мактаби миёна соли 1993 ба Самарқанд, ба риштаи забону адабиёти тоҷики Донишгоҳи ба номи А. Навоӣ овард. Омӯзиши пурмаҳсул, сабақгирии ӯ аз устодони варзида самараи худро дод. Бахри адои кори дипломӣ ӯ мавзӯи «Риндии Ҳофиз» - ро таҳти рохбарии устод Садрӣ Саъдиев интихоб намуд. Дар рӯзи муҳокимаи он доктори улуми филологӣ, профессор Расул Ҳодизода ҳам иштирок доштанд. Кори иҷронамудаи ӯ писанди устод омад ва Анзуратро бахри идомаи фаъолияти илмӣ ба аспирантура даъват намуданд. Ҳамин тавр, А. Маликова соли 1998 ҷониби Душанбешаҳр роҳ гирифт ва дар он ҷо таҳсили доманадор таҳти сарпарастии устодони мохир бомуваффакият буд.

Дар баробари таҳсили аспирантура ӯ дар китобхонаи ба номи Х. Халилӣ кор мекард, ки ба омӯзиши ӯ мадад расонид. Мавзӯи рисолаи илмии оғознамудаи ӯ «Ҳаёт ва фаъолияти Абӯмансури Дақиқӣ» буда, Расул Ҳодизода ба он роҳбарӣ намуданд. Дифои он бошад, охири соли 2002 сурат гирифт ва дар он ҳамчун оппонентҳои расмӣ — доктори улуми филологӣ, профессор Ҳудой Шарифов, номзади филологӣ Умархоҷа Сафаров, боз аз олимони варзидаи тоҷик устод М. Шакурӣ, А. Маниёзов, Х. Асозода, М. Муллоаҳмадов, Х. Отахонова, М. Аҳмадов ва дигарон ҳузур доштанд. Сарвари шӯрои диссертатсионӣ Х. Шодиқулов буданд. Рисолаи мазкур, ки дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Фарҳангистони улуми Тоҷикистон иҷро шудааст, соҳиби баҳои сазовор гардид.

Дар навиштани он аз таҷрибаи муҳаққиқону шарқшиносони машҳур, аз қабили устод С. Айнӣ, Е. Э. Бертелс, Саид Нафисӣ, И. Брагинский, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, А. Маниёзов ва дигарон истифода шудааст. Дар он баррасии комилтари осори Дақиқӣ сурат пазируфтааст. Аҳамияти рисола боз дар он аст, ки дар адабиёти тоҷик бори аввал қомуси муаллифӣ ва муфассали лирикаи шоир тартиб дода шудааст. Худи аз назар гузарондани феҳрасти адабиёти истифодашудаи бозгӯйи фарохии мавзӯст.

А. Маликова дар ҷодаи илм устуворона қадам мезанад ва умед аст, ки бо дуои чунин бузургмардон куллаҳои нави онро фатҳ хоҳад намуд. Бамаврид аст қайд намоем, ки як қатор некумардоне аз кӯҳистони Ҳуфар дар ҷодаҳои мухталифи илму фан имрӯз қадам мезананд, ки аз зумраи чунинҳо метавон доктори улуми санъатшиносӣ, борбадшинос Асқаралӣ Рачабов, адабиётшиноси варзида, устод Исматулло Ҳидоятов, номзади улуми кишоварзӣ Иноятулло Суннатов ва дигаронро ном бурд. Инак, Анзурати ҷавон аз ҷодаи онон қадам мезанад ва қадамҳои нахустини ӯ низ боварибахшанд. Бо итминон метавон гуфт, ки аз бонувони олимаи Ҳуфар ӯ аввалин буда, умед аст аз пайи худ шогирдони зиёде хоҳад ба воя расонид. Он гуна, ки Ҷомии бузург фармуда:

Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,
То ба он базми касон афрӯзӣ.
Абр шав, то ки чу борон резӣ,
Ба гулу хас ҳама яксон резӣ:

Фозил ШУКУРЗОДА.

Дар акс: Анзурат Маликова *(дар байн) ҳангоми дифои рисолаи илмӣ.*

Ба моли қочоқ роҳ нест

Фаровонии мамлакатро шаҳрвандони он таъмин мекунанд

Ва ин ҳақиқати аз озмоиши айём гузашта ба ҳар як давлати мутамаддун амалан мансуб асту имрӯзҳо ниҳоят умда гардидааст.

Агар дар оила ягон ҳолату норасоии иқтисодӣ рух диҳад, дар он сурат барои худ шакли аз ҳама мақбули ҳаллу фасли он интихоб карда мешавад.

Таҳлилу ба ҳам қиёс кардани далелҳо, масалан, нишон медиҳад, ки дар бобатеш аз ҳама ба қудрати онҳо дар бобати ҳифз кардани бозори дохилаашон аз таҷовузи беруна вобастагӣ дорад.

Шаҳрвандони мо ҳангоми сафар кардан ба дигар мамлакатҳо аз таҷрибаи худ медонанд, ки расмӣ гардондани ҳуҷҷат ба давлатҳои хо-

ти ба вуҷуд овардани шакли иқтисодӣ ҳар як давлат роҳи худиро бо назардошти махсусияти миллӣ, шартҳои айёму масоҳати хеш муайян мекунад.

Дар ин бобат мамлакати мо ба қоидаҳои ба вуҷуд овардани муносибатҳои иқтисодии бозаргонии тамаддунона дар назди ҷамъияти ҷаҳонӣ ҳамчун давлати пуркуввату ошкорбаён маълум гардидааасту имрӯзҳо аз тарафи ҳомеаи байналхалқӣ ҳамчун «шакли ӯзбекии пешрафт» эътирофи худро пайдо кардааст.

Дар айни замон мо нисбати он ки ҳамватанонамон, аниқтараш, истеъмолгарон ва тадбиргароне, ки ҳанӯз таҷрибаи калонро дар шароити озоди бозаргонӣ ҳосил накардааанд, бештар «маҳбуси» фиребгарони мухталифи иқтисодии замон мегарданд, бепарво буда наметавонем.

Дар ин бора фикр ронда, мехостем диққати эътиборро ба он ҷалб созем, ки ба мамлакати мо чӣ тавр молҳои ҷоҳоқ ворид мегарданд. Дар ҳақиқат савдогарӣ, тадбиргарӣ ба халқамон хосу мос аст. Он решаҳои қавӣ дорад.

Имрӯзҳо вақте ки давлати мо мустақил асту узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, доираи имкониятҳои шаҳрвандонамон хеле афзудааст. Вале дар масоҳати иқтисодии ҷаҳонӣ маҷрову куввaҳое ҳастанд, ки ба муқобили онҳо мубориза бурдан лозим мeояд. Аз ин рӯ, ҳам як мамлакат бепарво буда наметавонад, ки ба бозори дохилӣ моли бадсифат дохил гардад, ки он бештар ба ҳаёту умри одамон зарар асту бештар бо роҳи ҷоҳоқ ворид мегарданд. Ва онро бисёр вақт ҳамчун таҷовузи иқтисодӣ тавзеҳ медиҳанд. Бо дигар суханон баён кунем, мустаҳкамӣ ва мӯътадилии иқтисодии бисёр давлатҳо рица чӣ қадар душвор аст. Махсусан бурдани маҳсулот душвор мебошад. Масалан, дар ИМА ва Олмон маҳсулоти расминагардида гузаронда намешавад. Охир, қоидаи бозори мутамаддун ҳамин аст. Алқисса, саросари ҷаҳон барои ҳифз кардани бозори худ аз мамолики олами сеюм мубориза мебаранд. Мо дар ин ҷо олами сеюм гӯён молҳои ҳунармандиро дар назар дорем. Албатта, ин молҳо ҳуҷҷати зарурӣ, сертификати мувофиқати сифат надоранду ва табиист, ки барои ин ҷавобгариро касе ба гардан ҳам намегирад. Ва он ба иқтисодиёти давлати дилхоҳ зарари калон мерасонад.

Ва мамлакати мо ҳам ба ана ҳамин молҳои бадсифату ба тандурустиву ҳаёти одамон зараровар рӯ ба рӯ гардидаст. Ва ин молҳоро бештар тадбиргарони мо меоваранд. Ва асосан фаъолияти онҳоро «Арзонхару қиммат фурӯш» ташкил медиҳад.

Ва ин рафтори нооличонобона оқибатҳои гарон меоварад ва аз он мо, истеъмолгарон, пайвандонамон, аҳли оила зарар мебинанд, фаровонӣ ва мӯътадилии иқтисодӣ халалдор мегардад.

Ва аз ин рӯ дар мамлакати мо ба пеши роҳи ин гуна молҳо монеа гузошта шуд, ки онро расонаҳои ахбори оммавии хорича ҳар гуна тавзеҳот дода, саҳраҳи байни Қазоқистону Ӯзбекистон тамоман баста шуд, гӯён иттилоъ медиҳанд.

Ба ҳамин муносибат гуфтан мехостем, ки саҳрадҳои мо баста нашудааанд ва минбаъд низ баста намешаванд. Режими кунунии гузарондани молу одамон тавассути ситодҳои гумрукии дар амал буда, боз як тасдиқи муносибатҳои неккҳоҳона байни халқҳоямон мебошад, ки забон, маъноият ва фарҳанги ягонаро доранд.

Бояд таъкид кард, ки дар натичаи андешидани тадбирҳо мо то андозае бозорҳои худро аз молҳои бадсифат тоза кардем. Ва он маҷрои пурзӯри воридшавии моли бадсифатро аз берун боздошт. Акнун бошад, ин молҳо дар ҳудудҳои наздисарҳадии Ӯзбекистон маскан пайдо кардааст. Шабакаҳои сершумори савдои наздисарҳадӣ чун замбурӯғи баъди борон созмон ёфтаанд. Шабакаҳои мазкур, ки ба ягон қоидаҳои санитарӣ риоя намекунанд, ягон шароитро барои савдо надоранд, тадбиргарони моро бо нархҳои арзони худ ҷалб месозанд. Вале на ҳамагон мефаҳманд, ки моли арзон беиллат нест.

Дар чунин вазъият саволи ҳаққонӣ бармеояд: оё бозори истеъмолии худро ба ин молҳои бадсифат «мутеъ» сохтан аз рӯи инсоф аст? Охир, онро шаҳрвандони худамон, хешу ақрабо истифода мебаранд - ку? Вале ба он ин тавр ҷавоб гардондан ҳам мумкин аст: мустақилем, барои қонеъ гардондани талаби хеш худамон масъул ҳастем, моли даркориро харид карданамон мумкин аст.

Вале набояд, фаромӯш кард, ки мо дар давлати ҳуқуқбунёде истиқомат дорему созишномаҳои байнидавлатиро ба имзо расондаасту дигар қонуну қоидаи пеш бурдани савдои тамаддуннаву байналхалқиро пешаи худ дорад, қарор додаем. Аз ин рӯ қатъан риоя кардани онҳо вазифаву ўҳдадории ҳар як шаҳрванд маҳсуб гардидааст.

Бо назардошти ҳамин бо чунин ҳолат муросо кардан мумкин нест, ки тадбиргарони мо ҳаракат мекунанд бо ҳар гуна роҳи фиребу найранг, ғайриқонунӣ тавассути сарҳадамон, бидуни назорати гумрукӣ, минбаъд бидуни додани андоз молро ворид мекунанду доираи ин масъала вазъияти номусоидро фароҳам меоваранд.

Гуфтанатон мумкин аст, андоз насупорад осмон ба замин барнамехӯрад. Вале набояд фаромӯш кунем: андозе, ки тадбиргаронамон ба хазинаи давлат месупоранд, ба шаҳрвандонамон ба сифати нафаҳ, кӯмакпулии бачагон, идрорпулӣ, ҳаққи хизматрасонии тиббӣ ва ғайра шуда бармегарданд.

Оре, дар ҷумҳуриятамон корҳои доманадор оид ба ҳифзи бозори дохила, асъори миллӣ, баланд бардоштани сатҳи савдо, ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон ба иҷро расонда мешавад. Дар айни замон хотиррасон мекунем, ки саҳрадҳои мо барои савдои солиму меъёрӣ боз буданд, боз мемонанд ва боз хоҳанд шуд.

Аз ин рӯ, мамлакати мо аз ҳар кадомамон, дар навбати аввал аз тадбиргаронамон саъю ғайрати пурҷӯшу хурӯшро талаб менамояд, ки он пеш аз ҳама ба худамон, баъд чун занҷир ба давлату ҷамъият фоидаи калон меоварад.

Шӯҳрат ЁҚУБОВ,
шорехи ОИ «Ҷаҳон».

Нерӯи бузурггарини Ӯзбекистон ҷавонони ӯст

Дигаргунсозиҳои торихии дар мамлакатамон ба амал омадаро сиёсатмадорону иқтисодчиёни бонуфуз, мутахассиси соҳаҳои иҷтимоию маданӣ бо шавқу завқи алохида назорат карда меоянд. Зеро, онҳоро ояндаи Ӯзбекистон, ки дар минтақа давлати марказӣ ба ҳисоб меравад, бепарво намегузорад. Аз чумла, ба миқёсу аҳамияти ислоҳоти дар соҳаи таълиму тарбияи насли наврас ба амал баровардашудаистода ҳамватанонамон на танҳо дар мамлакатамон, балки дар хориҷ мароқ зоҳир мекунанд.

Сафири Фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Фаронса дар мамлакатамон ҷаноби Жак-Андре КОСТИЙ ба ҳамин муносибат қайд намуд:

— Ман аз он хушҳолам, ки шумо аз ман дар бораи ҳамкории Фаронсаю Ӯзбекистон дар соҳаи таълим нақл карданам хоҳиш намудед.

Дар Ӯзбекистон то ки мамлакати аз ҷиҳати иқтисодӣ мутараққӣ гардад, омилҳои зиёд: кишоварзӣ, боигариҳои бузурги табиӣ, сайёҳӣ вучуд дорад. Шахсан ман ба он аминам, ки нерӯи бузургтарини Ӯзбекистон ин ҷавонони ӯст. Ба назари ман, зиёда аз 10 миллион наврасони мамлакататонро ҷавонони то синни 15-сола ташкил медиҳад, ки барои ояндa қувваи бузург аст. Дар ҳақиқат, дар Ӯзбекистони оянда маҳз ҷавонон меҳнат карда, вайро ба давлати замонавии мутараққӣ табдил медиҳанд. Инро бисёриҳо мехоҳанд.

Ба ҳамин муносибат ба такмилдиҳии соҳаи маориф ва тайёрии касбӣ аҳамият додани ҳукумати Ӯзбекистон фаҳмост. Ин аз зумраи мавзӯҳоест, ки ман хуб хабар дорам, барои он ки ба донишгоҳҳо тез-тез ташриф меоварам ва ҳангоми сафарҳоям дар минтақаҳо бо одамон сӯҳбат меорям.

Дар Тошканд ва вилоятҳо донишгоҳҳо сатҳи хубро дорост. Дар бораи коллеҷҳои касбу ҳунар ҳарф занем, ин яке аз обектҳои бузурги сохмони ҳукумати Ӯзбекистон ва албатта, ин бешубҳа яке аз калидҳои рушд аст.Ин барномаи бонуфуз аст. Ман дар Ӯзбекистон бисёр давр мезанам, шояд, дар паси фармони мошинам ҳамроҳи ҳамсарам 40000 километрро тай карда бошам. Ин фактро қайд карда метавонам, ки дар пеши чашмонам қариб дар ҳар як шаҳр биноҳои замонавии коллеҷҳои касбу ҳунар сохта шуданд. Ба бисёрии чунин коллеҷҳо ташриф овардам. Аз чумла, дар Намангон. Хусусан коллеҷ барои ҳамшираҳоро фаромӯш намекунам, ки ҳатто бахши забони фаронсавиро дорад. Аминам, ки дар бисёр коллеҷҳо забони фаронсавиро меомӯзанд.

Инак, ба масъалаи таълим ҳукумати Ӯзбекистон аҳамияти аввалиндарача медиҳад ва ба муносибатҳои дучонибаамон ҳам. Ин соҳа барои Фаронса ҳам бартаринок аст.

Мо ба донишгоҳҳои Фаронса ҳар чи бештар стипендиатҳои ӯзбекистониро фиристоданием. Ҳоло шумораи онҳо аз 50 гузашт.

Кушоду равшан гӯям, ба ман нақл карданд, ки аз тамоми донишчӯёни хоричии дар шаҳраки донишчӯёни Фаронса истиқомат дошта, донишчӯёни ӯзбекистонӣ мулоҳизакору одамдӯстанд. Масалан, ман дар ин хусус дар донишгоҳи Тулуза шунидам.

Ба фикрам, бояд ба барномаи стипендияе, ки Бунёди Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Умид» оид ба ҷонибдории таҳсили ҷавонони иқтидорнок дар хориҷ бо маблағ таъмин мекунад, эътибори чиддӣ дод. Ин инчунин дар бораи он аҳамияте, ки Ҳукмути Ӯзбекистон ба таҳсили ҷавонон оид ба самтҳои мухталифи касбӣ дар хориҷ медиҳад, далолат медиҳад.

Сафоратхонаи мо аз ҷониби худ кӯшиш мекунад, ки аз рӯи имкониятҳо муболиғаи афкори байни донишгоҳҳои Фаронсаву Ӯзбекистонро ташкил кунад.Дар байни донишгоҳҳои Париж, Тулуза, Лион, Экс/Марсел ва донишгоҳҳои Тошканд, Самарқанд ва Бухоро шартномаҳои зиёд ба изо расиданд.

Ба таълими забони фаронсавӣ дар мамлакататон дахл намуда,ҳамроҳ кардан мехостам, ки ҳангоми аз ҷониби Президенти мамлакататон бори аввал пазирофта шуданам, ду сол пеш, ҷаноби Ислом Каримов хоҳиш намуда буд, ки барои ҷонибдории ҷараёни омӯхтани забони фаронсавӣ дар Ӯзбекистон, ки 450000 ҷавонон забони мамлакатамро меомӯзанд, тамоми имкониятҳоро ба кор барам.

Чи хеле ки сарвари сафорати дипломатии Фаронса дар мамлакатамон ҷаноби Ж. Костий қайд намуд, сафоратхона ва хидмати фарҳанги вай дар ин соҳа бо чидду ҷаҳд кор мекунанд. Як қатор омилҳо аз ин далолат дода метавонад. Аз ҷумла, соли гузашта дар Тошканд Марказӣ фарҳангии фаронсавии ба номи Виктор Гюго кушода шуд.Корҳои Аллянс Франсез дар Самарқанд набзи нав мегирад. Омӯзгорони фаронсавӣ ба Тошканд, Самарқанд ва Бухоро роҳҳат гирифтанд. Инчунин шарикони фаронсавӣ ба муассисаҳои таълимамон фиристодани маводҳои пурмазмуни педагогиро таъмин мекунанд. Онҳо дар офаридани китобҳои забони фаронсавӣ иштирок мекунанд, инчунин бо иштироки онҳо дар донишгоҳҳои мамлакатамон оид ба баланд бардоштани ихтисоси забоншиносӣ семинарҳо ташкил мекунанд.Барои омӯзгорони Ӯзбекистон имкониятҳо аз нав тайёркунӣ ва коромӯзӣ дар Фаронса фароҳам оварда мешавад.

(ӮзА.)

Ташкилоти ҷавонон: комёбиҳо ва вазифаҳо

Дар воҳӯрии таърихие, ки ду сол мукаддам ба амал омад, дар мавзӯи «Бигузор «Камолот» такягоҳи асосии ҷавонон гардад» Президент Ислом Каримов фикру мулоҳизаҳои хеш дар ҷараёни зарурати ташкилоти махсус ба ҷавонони мамлакатамон, максадҳо ва вазифаҳои асосии он, тавсияҳо ва фармоишҳои худро баён карданд. Дар бораи зарурати диққату эътибори махсус додан ба масъалаҳои фароҳам овардани шароит барои иттиҳодияи ҷавонон, тарбияи онҳо дар асоси талабҳои тарзи солими ҳаёт, ҳифзи манфиатҳои онҳо, пурра зоҳир кардани нерӯи интеллектуалии ҷавонписарон ва духтарон ба он мақсад, то ки онҳо дар ҷамъият мақоми муносибро пайдо намоянд, ҳарф зада шуд.

Ҳоли ҳозир 14 ташкилоти вилоятӣ, 209 ташкилоти ноҳиявӣ, беш аз 20 ҳазор ташкилоти ибтидоии Ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот» фаъолият пеш мебаранд. Дар сафҳои ҷунбиш 4 миллиону 400 ҳазор нафар узви он мебошанд, ки аз онҳо 570 ҳазор нафарашонро донишҷӯёни донишкадаҳо ташкил медиҳанд.

Бо ташаббуси ҷунбиш, ки аз рӯи беш аз 20 самт фаъолият пеш мебарад, беш аз чордаҳ ҳазор нафар ҷавонон бо шуғл таъмин гардиданд. Ба бисёр донишҷӯён дар бобати гирифтани вом ба таълим, ба тадбиргарони ҷавон бошад, воми тиҷоратӣ дасти мадад дароз карда шуд. Ба мақсади омӯзиши сирру асрори касби мухталиф ба ҷавонписарону духтарон, баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ, таҳкими донишҳои диниву таъриҳии онҳо озмунҳо, сӯҳбатҳои мухталиф дар гирди «мизи мудаввар», машғулиятҳои амалӣ гузаронда шуданд.

Масъалаҳои фаъол гардидани иштироки ҷавонон дар рушди соҳибкории хурду миёна, тарбияашон дар рӯҳи ватандӯстӣ, ҷалб кардани онҳо ба машғулиятҳои варзиши оммавӣ дар маркази диққату эътибори доимии он қарор гирифт. Бо ташаббуси «Камолот» бо усули ҳашар дар маҳаллаҳо, дар ҳудуди донишкадаҳои таълимӣ беш аз 100 майдончаи варзишӣ сохта, беш аз 160 иншооти варзишӣ тармим гардид.

Ба мақсади амиқ гардондани донишҳои тиббиву экологии ҷавонон, дар байнашон тарғиби тарзи солими ҳаёт, ҳифз кардани онҳо аз одатҳои зараднок, ки барои тандурустии инсон хавфи калон доранд, корҳои доманадори тарғиботӣ ба иҷро мерасанд. Аз он ҷумла, барои ба рӯи об бароварданӣ корҳое, ки аз рӯи Барномаи маърифатии ҷавонон ба иҷро мерасанду ба пешгирии нашъамандӣ ва СПИД нигаронда шудааанду дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқии ЮНИСЕФ, ЮНЕЙДС татбиқ мегарданд, Ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот» бо мукофоти байналхалқии Ҷонатан Манн тақдир гардид.

Дар ин бора сухан дар конфронси илмиву амалии ҷумҳурӣ дар мавзӯи «Нақши Ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот» дар низоми маълумоти олӣ» сухан рафт, ки дар Донишгоҳи давлатии техникии Тошканд ба номи А.Беруниӣ доир гашт.

Дар тадбир вазири маълумоти оливу миёнаи махсус С.Ғуломов, раиси Кенгаши Марказии Ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот» Б.Убайдуллоев, раиси Кумитаи Олий Мачлис оид ба корҳои байни ҷавонон Азамат Зиё, директори Маркази илмиву амалии ҷумҳуриӣ «Оила» В.Каримова ва дигарон суханронӣ карда, аз хусуси усулҳои дар шуури ҷавонон татбиқ намудани ғояи истиқлоли миллӣ, нақши авлоди наврас дар бобати сохтани давлати ҳуқуқбунёд ҳарф заданд.

Оид ба мавзӯъҳои умда, аз қабили аҳамияти Ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот» дар кори тарбияи ҷавонписарону духтарон дар рӯҳи ватандӯстӣ ва садоқатмандӣ ба анъаноти ниёгон, вазифаҳое, ки дар назди ҷунбиш истодааанд, мақоми ташкилотҳои ибтидоӣ дар ҳаёти маҳалла мубодилаи афкор ба амал омад.

Баҳор ХИДИРОВА,
мухбири ӮзА.

Садди маҳсулоти бадсифат

Дар шафати посгоҳи гумрукии дар километри 888-и шоҳроҳи «Алмато-Бишкек-Тошканд-Тирмиз» воқеъбуда мошини калонҳаҷми «МАН» бо бордонаш танҳо меистод. Ҳангоми сӯҳбат бо ронанда маълум шуд, ки мошин вайрон шуда, аз қатор қафо мондааст. Онҳо аз Чин ба Туркманистон бори тронзитӣ мебаранд. Ронанда молҳои косибии чиниро он қадар таъриф накард.

Ҳар яки мо хуб медонем, ки моли саноатии чинӣ чисту молҳои сермасрифи арзон чист. То ба ҳадикӣ ин зумра молҳои сермасриф дар растаҳои тадбиргаронамон фаровон буд. Онҳо хуб медонанд, ки сокини бетаҷриба ҳатман ба моли нисбатан арзону куттичааш хушрӯ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад. Имрӯз бисёриҳо фаҳмиданд, ки моли арзон гарон афтиданаш мумкин. Либосу пойафзоли косибии истеҳсоли хориҷиро ҳамагӣ моҳ мепӯшиву халос. Печениву шоколадҳои хушрӯ қадоккардашударо бисёр вақт талх мебароянд. Ин акнун эътибор медодагӣ шудем, ки дар маҳсулоти қаннодии арзон рӯзи истеҳсолу мӯҳлати истеъмол, ки дар молҳои озуқаворӣ ҳатман бояд бошанд, нишон дода намешавад.

— Бисёр маҳозаву дӯконҳоямон печенеҳои хориҷиро мефурӯшанд, — мегӯяд мудири шӯъбаи гигиенаи ҳӯроквории стансияи санитарию эпидемиологии вилояти Сирдарё Дониёр Шодмонов. — Қисми зиёди маҳсулоти қаннодии аз хориҷ овардашударо иловаҳои синтетикӣ ташкил медиҳад. Онҳо дар баъзе намудҳои маҳсулоти макарониии хориҷӣ аз меъёр зиёд ҳаст. Ман тавсия медодам, ки макарону печенеҳои ватаниро харид кунед. Онҳо аз маҳнаҳои ҷаҳонӣ монданӣ надоранд.Дар бораи маҳсулоти ширин турршшуда низ ҳаминро гуфтан мехостам. 15 январи соли равон кормандони гумрук барои таҳлил каме қаймоқу панир ованданд, ки ба вилоятамон аз Тоҷикистон гузаронда мешуд. Мутахассисони таҳлилхонаи бактериологӣ дар онҳо микробҳои стафилакокро ёфтанд.

Мутахассисони маркази метрология, стандарткунӣ ва сертификатонии вилояти Сирдарё бо кормандони гумруку андоз зич ҳамкорӣ мекунанд.

— Аз намунаҳои ба мо барои санҷишу таҳлил овардамешуда равшан аст, ки қисми зиёди молҳои бадсифат аз хориҷ меояд, — мегӯяд ҷонишини директори марказ Одилҷон Аҳмадқулов. — Масалан, дар моҳи январ 475 тадбиргар молҳои истеҳсоли хориҷӣ ованданд. Озмоишҳо нишон доданд, ки 209 нафари онҳо маҳсулоти бадсифат ованданд. Онҳо асосан спирт, маҳсулоти спиртдору тамокудор меоварданд.

— 27 фоизи намунаҳои аз маҳсулоти спиртдори аз каламрави Қазоқистон овардашуда нишон медиҳанд, ки ин молҳои барои истеъмол ношоям ё ба талаботи андозаҳои байналхалқӣ ҷавоб намедиҳад, — мегӯяд лабораниткаи таҳлилхонаи ҳӯроквории марказ Земина Фозилова.

Имрӯзҳо хидмати гумрукӣ чиддӣ ба кашонда овардани маҳсулоти бадсифат монеъ мегардад. Дар давоми сол кормандони гумруки вилояти Сирдарё қариб якуним ҳазор қонуншиканиро ошкор намуданд. Аз онҳо 80 фоизашон ба овардани маҳсулоти хориҷӣ алоқаманданд. Дар гумрук чораи қатъӣ андешидан зарур, ин ба ҳифзи саломатии аҳолӣ, манфиатҳои истеъмолгарон ва иқтисодиёти давлати мустақил алоқаманд аст.

Т. АҲМАДАЛИЕВ,
мухбири ӮзА.

Забон ва замон

Масъалаи забон ва замон мавзӯи фарох ва ҷолиб аст. Дар ҳар давру замон забонҳо мувофиқи талаби давр ба тағиротҳо дучор мешаванд. Солҳои бистуми қарни гузашта давраи ҳарачу мараҷе буд. Истеъмоли истилоҳоти русиро пешрафти забон ва онро пурсамар номидаанд. Аз он як аср пештар ҳар касе бештар мураккаб, душворфаҳм иншо кунад, донишманд мегуфтанд. Боз ду асри дигар қафо равем, дар осори насри форсӣ вожаҳои туркиро низ мушоҳида мекунем. Масалан, дар «китоби «Темурнома», ки иборат аз 436 саҳифа буда, аз ривояту далелҳои «Зафарнома»-и Яздӣ, «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Ҳофизи Абрӯ, «Тазкираи давлатшоҳӣ»-и Абдулраззоқи Самарқандӣ, «Таърихи Темурӣ»-и Хоҷаабдуллоҳи Ҳотифӣ, «Тоҷ-ул-таворих»-и Мулло Муҳаммад Муншии Бухорӣ ва дигар адибони таърихнигор иқтибосҳои бисёр дорад ва он дар асри XVI китобат шудааст, Кӯрунуш, хотун, милтиқ, эл, урук, элот, қӯш, кенгош—барин калимаҳоро дучор омадем, ки албатта, аз таъсири замона ҳоҳад буд.

Он чи хондед, дар пешгуфтори сухан, дар омади гап буд.

Инак, оем сари мавзӯъ, ки моро ба ин навиштаҳо боис шуд. Сатҳи ва саҳл назар кунед, «акси садо», чуқуртар андеша ронед—мавзӯи мундарича мебошад. Дар шумораи рӯзи 27-уми моҳи гузашта дар рӯзнома таҳти унвони «акси садо», зери сарлавҳаи «Обод кардан месазад» мақолаи муаллим Ҷаббори Ҷаббор баромад. Муаллим кадом бинои ноободро барои обод кардан сазовор дониста интихобидаст,— гӯён дарҳол хондам. Вай давоми мақолаи «Сухани фасеҳу расоям орзуст», буд, ки як солу се моҳ пеш аз ин чоп шудааст. Дар ин миён чанде аз рӯзномаҳонҳо, минҷумла Х.Умруллоев ва Ҳ.Бозоров барин муаллимони бофаросат, ба ин мавзӯъ ақидаҳои мухолифи худро навишта буданд.

Муаллим Ҷаббори Ҷаббор дар идомаи мавзӯъ байраки муаллифи пешинро баландтар бардошта, боз ҳам тезтар ва пештар меравад. Муаллиф дар ҳимояи забони модарӣ баҳри ҷилавгирӣ аз услуби писандидаи муосирон, ки он равону соддабаёнист, қалам ба даст гирифтааст. Қалами онҳо силохеро, қасдашон сипоҳиёни аъроборо ба ёд меорад. Ӯ хостааст, ки ифодаҳои соддаи ҳамафаҳму дилчасти соддаро дар қабои сиёҳи арабӣ бипечанд. Муаллими номбурда бар хилофи Х.Умруллоев, ки «Омӯзондани қоидаҳои забон шарт аст»,— гуфта буд, қатор-қатор иқтибосҳоро аз ҳар кӯҳо меоварад, ки аксаран ин « дарбеҳҳо» ночаспон» баромадааанд. Масалан, рад намудани фикрҳои Ҷалол Икромӣ барин нависандаи бузург, ки он кас дар матбуот истеъмоли шаклҳои душворфаҳми калимаҳои арабиро, тарҷима карда бемаънӣ сохтани баъзе истиллоҳоти русиро танқид карда буданд.

Ҳамчунин муаллим даст ба муаллифи аввалӣ дода, «таълими забони тоҷикиро дар асоси сарфу наҳви (грамматикаи) русиасос самарабахш нест»,— мегӯяд ва даъво мекунад, ки «усули таълими забонро ҳатман тағир бояд дод!». Яъне ки китобҳои дарсии забон аз тарафи русзабонҳо навишта шудаанд, пас, намешавад. Сабаби асосии паст будани савияи забониро низ дар усули таълим дидаанд. Аз муаллими забон талаб дорад то ки онҳо ба шогирдон ёд диҳанд, ки ба ҷои савол-суол, ба ҷои шахсҳо-ашхос ба ҷои қоидаҳо-қавоид, ба ҷои масъалаҳо-масоил гӯянд.

Муаллифи мӯҳтарам, ин матолиби шумо аз камолоту савияи дониш ва ҷонсӯзии шумо ба забон ҳаргиз шаҳодат намедиҳад. Барҳакс! Шумо усули таълими забонро қаноатбахш не, бесамар гуфтед. Ку он усуле, ки худи шумо дар назар доред. Ба фикри man Вазорати маориф, Маркази таълими чумхурӣ ин гуна муаллимонро беш аз пеш дастгирӣ менамояд.

Эроди мо дар ин маънӣ ба чанд асос қарор мегирад. Аввал, ин ки рохи шумо, дар шароити кунунӣ соҳибзабононро ба безабонӣ ҳоҳад бурд. «Овози тоҷик»-ро аз муштариёнаш чудо ҳоҳад кард, ки худи шумоён ҳам инро намехоҳед. Бинобар ин, андеша амиқтар бояд кард. Алҳол дар кӯю бозор радиокарнайҳо овезон нест, ки аз он ҳар рӯз чандин соат савти тоҷикӣ шунидан мумкин бошад. Барномаҳои радиои тоҷикӣ дар мавҷи душворгир ба ҳаво пахш мешавад. Телевизион ба тоҷикӣ «Рангинкамон» дорад. Ҳафтае чанд дақиқа. Матбуоти Тоҷикистон дастнорас шудааст. Имкониятҳои «Овози тоҷик» низ чандоне, ки хоста бошем, нест. Шумораи обуначиён то рафт кам мешаванд, баъзеҳо аз мушкилоти забонӣ гила мекунанд, шумо бошед, ба «болои мурда сад чӯб зада» пешниҳод мекунед, ки забонро сайқали арабӣ диҳему пеши роҳи содданависиро гирем.

Ба форсӣ, тоҷикона сухан беҳтар бувад

Дар идораи рӯзнома чанд бор шунидаам, ки мегӯянд:«ин вожа умумфорсист». Эй бародар! Чунин луғат куллан вуҷуд надорад. Чуноне, ки касе «умуманглисӣ» ё «умумфаронсавӣ» нагуфтаву нанавиштааст. Дар бобати ин ки забони мо забони ягонаю воҳид аст, осори удабои мо шаҳодат медиҳанд. Ҳофизу Хайёму, Рӯдакию Донишу Айниву, Маҳмуди Тарзию Маликушшуаро Баҳору Моили Ҳиравиро, ки аз Мовароуннаҳру Эрону Афғонистон ба ин забонҳо форсӣ, (ё порсӣ), хоҳ дарӣ ва хоҳ тоҷикӣ ном гузоранд, ба мо фаҳмо, чунки ин меваи як дарахти азими куҳан аст, ки реша дар оби Сайҳуну Ҷайҳун дораду самар аз Вароруд дорад ва меваҳои ҳар се шохаи пурбораш дар тамоми дунё шаҳду шакар мерезанд. Дар ин хусус чандин рисолаҳо, мақолаҳо (ҳамчунин дар «Овози тоҷик») ба табъ расидаанд.

Ҳароина, чун ибтидои сухан аз мушкилписандии тарзи иншои тоҷикӣ рафт ки онро иддае ҷонибдоранд ва мо бар хилофи эшон, ҷонибдори соддабаёнӣ дар гуфтору иншо мебошем ва инро вақту замон низ тақозо дорад, ба ин мавзӯъ боз рӯ меоварем.

Дар асрҳои эҳёи забону адаби мо, ки ба асрҳои X, XI рост меояд, забон агарчанде, ки таъсири арабҳо беҳамто буд, осонфаҳм будааст. (Ниг. ба ашъори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, насри «Қобуснома»-и Кайковуси Унсурулмаолӣ, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ).

Баъди се, чор асри дигар тавре ки дар ибтидо гуфтем, дар забони мо истилоҳоти туркӣ ҳам пайдо шудаанд. Баъди он афкору ақоид дар луғоти сиёҳи арабӣ печ андар печ шуда рафтанд. Барои мисол метавон аз осори Аҳмади Дониш ва дигар удабои аз ӯ пештар мурочиат кард, ки фаҳмиданаш ниҳоят мушкил аст.

Ҳазорон шукрона бар он мебояд гуфт, ки маҳз ба шарофати устод Садриддин Айнӣ, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» офарид ва ба ҳазор заҳмат «Овози тоҷик» таъсис дод ва забони мо (агарчи ба ҳуд номи тоҷикӣ гирифт) ба тамоми Мовароуннаҳру берун аз он фаҳмо, ба истилло, дастраси умум гардид. Аз ин ваҳ, баъзе муаллифони мақолаҳоро man «ҳомиёни сохтаи забон» гуфтаниам меояд.

Айнӣ ва ҳамсафони вай забони моро инқилоб бахшиданд, онро ба талаби замон мувофиқ ислоҳ карданд. Аммо дар Афғонистон забон ҳамоно дар қабои сиёҳи арабӣ рӯпушида буд. Соҳибзабонҳои равшанфикри Афғонистон ин ин дар ранҷ будаанд. Махсусан, забони роичи аснод, мактубҳои ҳукуматӣ, ки аз як идора ба дигараш фиристода мешаванд, хеле мураккаб буд. Ба ин кор котибони махсус тарбия мешуданд, ки усули иншои онҳо мумтози «арабиасл»-анд. Бори аввал, дар соли 1970, man ба он ҷо рафта, ба ин шоҳид шуда будам. Дар солҳои 80 (вақте , ки бори дигар ун ҷо барои кор омадам) усули таҳрир тағир ёфта буд. Яъне: замон ба забон таъсир расонидааст.

Дар Афғонистон man ба ин ҳам шоҳид шудаам, ки баҳри тозагии забони дарӣ «аз гулистони форсӣ хӯшачинӣ» мекарданд, то ки ин боғистони сарсабз аз «сангҳои арабӣ» тоза шаванд. Моили Ҳиравӣ, Аъзами Раҳнаварди Зарёб, Равон Фарҳодӣ, Тоҳири Бадахшӣ (рӯҳаш шод бод ин шаҳиди роҳи вахдати тоҷикон, ки он солҳо сарварии маҷаллаи адабию фарҳангии Вазорати культури Афғонистон ва ҳизби халқии «Ситами милли»-ро дар ӯҳда дошт) аз man китобҳои адибони тоҷикро мепурсиданд ва мегуфтанд, ки :«аҷаб забони соддаву равони форсии асил доранд». Дар ал ҳам, ин гап ҳақ аст!

* * *

...Пеш, ба идораи рӯзномаи мо бисёр адибон меомаданд. Яке ба хотири поси рӯҳи Айнӣ ин кор ба ҷо орад, дигарон ба хотири дидорбинии дӯстони ҳуд ва расонидани имдод ба кори эҷодкорон ташриф меоварданд. Устод Лоиқ ҳам чанд маротиба ҳамроҳи Ҷӯрабек Муродов меҳмони мо шуда буд. Чун шахси хушзавқи ҳазлгӯю кушодрӯ буд, man ҳам дар қатори шодравон Ҷонибеки Қувноқ ба вай унс гирифта, дехӣ доштам. Ҳангоми сӯҳбат бисёр мутоиба мекард, ҷавоби вазнинро ҳам бо рӯҳушӣ мепазируфт, аз «аския» намеранҷид. Ин як гувоҳии хоксории ӯст. Ҷиҳати дигари хоксории ӯро man дар ҳамин мебинам, ки ҳамеша дар байни халқ буду фолклорро (на вожаҳои арабиро!) сарчашмаи илҳом ва эҷоди ҳуд медонист. Бинобар ҳамин ҳам шеърҳои ӯ содда равон, пурмаъно,дилчаспанд. Дар Афғонистону Эрон ҳам ӯ Лоиқ аст. Чунки ӯ аз ҳар се шохаи дарахти азими забони мо мева мечиду ба решаи ин дарахти воҳид ғизои сермаҳсул мерехт. Ва суханрониҳояш ба мисли рафтору сӯҳбатҳояш дилпазир, содда буданд. Фикрҳояшро ҳамеша «лӯнда» изҳор мекард. Ба форсӣ, тоҷикона ҳарф мегуфту шеър меофарид.

Ченаки забони матбуот

Мегӯянд, ки саҷда бар масҷиду Каъба, ки хонаи Худост, аз баҳри Худо аст. Мақсад аз хондани «Овози тоҷик» донистани воқеаҳои олам, фаҳмидани амру фармонҳои Ҳукумат ва дар ниҳояти кор ҳифозати он ва садоқат ба забони модарӣ аст, ки ин як рукни муҳими меҳанпарастиву ватанхоҳист. Филҳол аз муслимини диёр онҳое, ки саҷда бар Худо дораду саҷдагоҳашон «Овози тоҷик» мебошад, ниҳоят кам мондааанд. Ин теъдоди муштариёни мо, филмасал ҳуди man аз пешрафтҳои «Овози тоҷик» менозаму аз ноқисиҳояш ранҷ мекашам. Ин аст, ки мақолаҳои Аслиддин Қамарзода, Шавкат Шукурии Самарқандӣ, Мӯҳсин Умарзода, Ӯлдон Қароева, ахиран навиштаҳои Муҳаммадҷон Шодӣ, Чумъакул Ҳамроев, Фарҳодҷон Исомиддинов, Шоқаҳҳор Салимов баринҳоро бо завқ мехонам. Зеро эшон вобаста ба мавзӯи таҳти назар калимаю ибора ва ифодаҳоро заргарона интихоб карда ба мавқеъ истифода мебаранд. Дар натиҷа, услуби иншои онҳо иҳтиҳоси мазмунро зебу зинат бахшида ҷолиби диққат менамояд. Ҳар як ҷумла ва таркибҳои он ба алоҳидагӣ дар ҳуд маъное дорад, ба истилло: ҳамафаҳманд. Дар мақолаҳои эшон Сари лавҳа ҳуд зебандаю ҷаззоб, ифодагару иҳтиҳоскунандаи маънианд. Сари ин мавзӯъ хеле мулоҳиза мебояд. Шодравон Хӯҷамурод Кӯлдошев (Авестоӣ) аз ҳамин ҷумла буд. Дар пурсиши муҳаррир оиди иҷрои супориш дар мачлисе гуфта буд: «Сарлавҳаашро навиштам, гӯраш монд-мӣ».

Оре, сарлавҳа ба монанди тоҳии мардон мебошад, ки аз дидани он мансубияти зодгоҳи шахс ҳувайдо мешавад. Акнун сарлавҳаҳое, низ пайдо мешаванд, ки аз он чӣ гуфтани муаллиф номаълум. Деҳҳони тоҷик аз он чизе фаҳмиданаш дарҷумон. «Обод кардан месазад» (ки гап аз он баромад), чун аз як сатри шеър «канда шуд, маънии чандхура дорад, ки қобили қабул ба назар намерасад.

Мебахшед, ҳамқаламони азиз, ченаки рӯзномаи мо ва дигар матбуоти даврӣ ҳамин: забони матбуот бояд ба ҳама фаҳмо бошад.

«Гаҳворачунбонҳо»-и «Овози тоҷик»

Соли 1924. Соли пурмоҷаро, соли кашмакашиҳо, соли бародаркушиҳо, соли қасду қасосгириҳо, соли сахтию зори:Соли таъсиси «Овози тоҷик» аст он сол. Айнӣ бо «Намунаи адабиёти тоҷик» даҳони душманони миллати моро баст, бо таъсиси «Овози тоҷик» забони моро ҷон ва садо ато намуд. Ин донишманди муқтадир ба кори «Овози тоҷик» бисёр аз ҷонфидоиёни миллат ва забонро, ки чун маорифпарвар, шахси соҳибилму боистеъдодро чалб намуд. Ҳамза, Пайрав, Лоҳутӣ, Икромӣ, Аҷзӣ, Ҷавҳаризода, Аминзода, Ҳилмизода, Ализода, Кошонӣ, Тамҳид, Фитрат, Юсуфӣ, Қурбӣ, Улуғзода, Козимзода, Деҳотӣ, Шерзода, Зеҳнӣ, Баҳлул, Абдуллозода, Мунзим, Ҳамдӣ аз фаъолони ин рӯзнома буданд. Он дар табъу нашри «Овози тоҷик» ташаккулу такомул ва сайқал ёфтани забони адабии ҳозираи тоҷикӣ саҳм гузоштааанд. Онҳо «гаҳворачунбонҳои» ин рӯзнома буданд.

Иддае аз ин «гаҳворачунбонҳо» баъдтар дар адабиёти тоҷик, ё дар адабиёти ӯзбек соҳиби шаъну шӯҳрат шуданд. Қисме аз онҳо, ки номи баъзеи онҳо зикр наёфт, аз хусумати душманони миллат табъид шуданд, дар ҷӯристони «адибони гумном» ҷои абадӣ ёфтанд ва аз хотираҳо зудуда шуданд. Дар саҳифаи аввали ҳар шумора номҳои пешини рӯзнома чоп мешаванд. Аз с. 1940 то 1950 дари ин рӯзнома ба рӯи тоҷикон баста буд. Он дар тавқиф буд. Барои дубора эҳё кардани он низ хеле заҳмат сарф шуд. Ду даҳсолаи охири асри гузашта рӯзнома дар нашъунамо буд. Он вақтҳо дар деҳҳои дурдасттарин ҳам рӯзнома меҳонданд. Теъдоди обуначиён низ бисёр, ҳафтае панҷ маротиба чоп шудани рӯзнома ҳам дар хотиранд.

(Давомаш дар сах.4).

Ба ҷои муборакбодӣ

Ҳаётӣ ба илм пайваста

Олимаи машҳур, бостоншинос ва санъатшиноси номии Ӯзбекистон Галина Анатолевна Пугаченкова 7 февраси соли 1915 таваллуд ёфтааст. Вай муҳаққиқи мумтози торихи фарҳанги бадеии Шарқи Миёна ба шумор меравад. Пугаченкова ташкилотчӣ ва роҳбари он экспедитсияи ягонаи санъатшиносии Ӯзбекистон мебшад, ки кашфиёти бисёр ёдгориҳои бостоншиносӣ ва таҳқиқу тадқиқи онҳоро анҷом додааст. Аз ҷумла бозёфтҳои Халчиёни Дилварзинтеппа, Кампиртеппа, Айратам ва ғайра маҳсули ҷустучӯҳои ин экспедитсия аст. Олима муаллифи анқариб 600 номгӯй мақола ва рисолаҳои илмист. Дар байни рисолаҳо ва навиштаҷоти ӯ асарҳои «Роҳҳои рушди меъмории Туркманистони Ҷанубии даврони ғуломдорӣ ва феодализм», «Халчиён», «Пайкараҳои Халчиён», «Торихи санъати Ӯзбекистон» (дар ҳаммуаллифии профессор Л. И. Ремпель), ҳамчунин «Очеркҳо оид ба санъати Осиёи Миёна» (бо ҳамқаламии профессор Л. И. Ремпель), «Санъати Гандхар», «Фарҳанги Афғонистон», «Санъати Туркманистон», «Бохтари Шимолӣ ва Тахористон» ва ғайра мавқеъи бузург доранд. Дар ин асарҳои қобили қайд консепсияи умумии равандҳои торихиву фарҳангии рушди тамаддуни қадима ва асримиёнагии Шарқи Миёна, муаммоҳои серҷанбаи он дода шудаанд.

Галина Пугаченкова муаллифи бисёр кашфиётҳои бостоншиносӣ мебошад. Бозёфти хазинаи тилло ба андозаи 35 килограмм аз шаҳраки Далварзинтеппа низ натиҷаи ҷустучӯйҳои ӯ буд. Бинобар таҳқиқоти ЮНЕСКО Пугаченкова дар байни занон — бонувони олимаи тамоми чаҳон аз чиҳати микдори корҳои илмӣ дар яке аз ҷойҳои аввалин қарор дорад. Олима барои саҳми бузургаш дар пешрафти илми бостоншиносӣ бо бисёр ҷоизаҳои ҳукуматии кишварҳои хорича, аз ҷумла бо яке аз нишонҳои олии Фаронса «Шоҳаи академикӣ» тақдир гардидааст. Муҳаққиқи тавонманд чанд сол муқаддам барои ҳиссаи азимаш дар рушди илми Ӯзбекистон бо ордени «Буюк хизматлари учун», («Барои хизматҳои бузург») мукофотонида шуд.

Галина Пугаченкова устоди силсилаи бузурги шогирдоне ба шумор меравад, ки ҳоли ҳозир дар ҷабҳаҳои мухталифи илми ҷумҳурияти мо фаъолияти босамар доранд. Вай профессор, академики Академияи улуми Ӯзбекистон, доктори ифтихории Донишгоҳи Страсбурги Фаронса, узви бисёр ҷамоаҳои илмии кишварҳои хорича аст.

Камина низ аз шогирдони ин олимаи бузургам, бо ному корҳои неку шоистаи ӯ фахр мекунам ва ҳоло аз он хуш ҳастам, ки имконияти ӯро бо зодрӯзаш аз номи худу шогирдони зиёдаш табрику муборакбод кардан дорам. Зодрӯз муборак, устоди бузургу арҷ-манд!

Павел СИЛИН,
муаррих.

Ҳафриётшиносӣ

Бозёфтҳои нави Искандарияи соҳили Окс

Мавсими саҳроии тирамоҳии тадқиқотҳои ҳафриётӣ дар димнаи Кампиртеппа, ки дар Искандарияи соҳили Окс қад кашидааасту ба он сарлашкар ва ҳукмдори номдор асос гузоштааст, хотири олимони ӯзбекистониро бо шаҳрошӯби навбатии ҳуд шод гардонд.

Дар ин бора сарвари экспедитсияи Таҳористон, мудири шӯъбаи таърихи санъати Пажӯҳишгоҳи санъатшиносии Фарҳангистони ҳунарҳои зебои Ӯзбекистон, академики ФУ Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, профессор Эдвард Ртвеладзе ва олими ҳафриётшиноси машҳури Фаронса, академик Пол Бернар ҷунин нақл карданд:

Э. Ртвеладзе: — Ёдгориҳои мо, ки боиси диққату эътибори олимони хорича ва дӯстдорони қадим гардидааст, ба маҳали дӯстдоштаи зиёрати бисёриҳо мубаддал гардидааст, ба қариби ба Кампиртеппа Сафири Фавқулодда ва Мухтори ИМА дар Ӯзбекистон Ҷон Хёрбот бо оилааш, узви экспедитсияи ҳафриётшиносии муштараки ӯзбекистониву фаронсавӣ дар димнаи Тирмизи кӯҳна, ки профессор Пер Лериш сарвар аст, профессори олмонӣ Дитрих Хуф, тадқиқотгари ҷопонӣ Омур Сан, олимон аз Британиёи Кабир, Чехия ва дигар мамлакатҳо ташриф ованданд.

Ҳамаи онҳо натиҷаҳои ҷустучӯҳои моро, ки бо кӯмаки Оҷонсии Ҷопон оид ба ҳамкории байналхалқӣ ба рӯи об бароварда шудаасту дар он тадқиқотгарони россиягӣ ҳам иштирок мекунанд, воло арзёбӣ карданд.

Баробари ин экспедитсияи ҳафриёшиносии мо барои олимони ҷавони тошкандии пажӯҳишгоҳҳои илмиву тадқиқотӣ, ҳамчунин донишгоҳҳои Ғарвардии ИМА ва Сорбонии Фаронса мактаби ҳақиқӣ гардидааст.

Натичаи аз ҳама хуби корҳои мо ошкор гардидани иншоотҳои таъиноти қалъавӣ ва манзилгоҳҳои аввали дар соҳилҳои Амударё дар Осиёи Миёна, иншоотҳои бандарӣ, ки аз хиштҳои даврai гузариш аз андозаҳои аҳаманӣ ба эллинӣ, устохонаҳои кулолгарӣ ва дигар печҳо мебошанд. Дар ин ҷо бисёр қабатҳои маданӣ иборат аз маҳсулоти кулолгарӣ, дигар маҳсулот ёфт гардиданд, ки ба давраи ҳукмронии Юнону Бохтар ва аз он ҳам қадим мутааллиқ ҳастанд. Онҳо на танҳо дар ҳудуди қаср, балки атрофи он ҳам ёфт гардиданд. Ва онҳо майдони калонро ишғол менамуданд. Яке аз онҳо чиҳати мураккабӣ бошад, ки ба давраи қадимаи юнонӣ мансуб буду аз шаҳри болоиву поёнӣ иборат аст. Конструксия, сохтор, усулу андозаҳои бинокорӣ, иқтидор ва шаҳомати иншоотҳо маълум кард, ки онҳо ба унвони юнонии «Пандохеон» (Меҳмонхона) шабоҳат доранд. Ва аниқ гардид, ки бинокорони он ғояи меъморонро ҷомаи амал пӯшондаанд, ки ба анъаноти юнониён, алалхусус Искандари Мақдунӣ ва ғайра пурра ҷавобгӯ ҳастанд. Ва вақти сохтани онҳо тақрибан ба солҳои 323 - 300 то милод тахмин карда шуданд. Тахминҳо, карда шуд, ки ин қалъа ва дигар иншоотҳо дар давраи ҳукмронии Селевка дар Бохтар, Анитох 1, яъне ба солҳи 306 - 261 то даврai милод мансубанд. Ва онҳо аз чиҳати шакл ба иншоотҳое монандӣ доранд, ки дар димнаи Ай - Хонуми ҳудуди Афғонистон ёфт шудаанду ба солҳои 320 - 300 солшумории мо рост меоянд.

Аз ҳама шавқовар он мебошад, ки мо соли гузашта дар маҳалли мазкур қабати мадании бисёрметраи мансуби садаҳои 1У -11 то даврai моро пайдо кардем. Ва олимон онҳоро ба давраи аҳаманиён мансуб донистанду онро ҳафриётшиносон Александр Восковский ва номзади илми таърих Георгий Никитен ҳам тасдиқ намуданд.

Ҳамин тавр, қалъаи Кампиртеппа мисоли равшан аз иншооти мустаҳками наздиҳоии бандар буд, ки вазифаҳои гумруки давлатӣ ва меҳмонхонаро бо корвонсарои ҳуд ичро намудааст.

Дар байни маводҳое, ки дар рафти кофтуковҳо ба даст омаданд, бисёриашон нодир ба ҳисоб мераванд. Масалан, мӯҳри сафолини доирашакл аввалин дар ҳудуди Бохтар бо навиштаҷоти бохтарӣ пайдо гардид, ки аз Хатраи қадима, Эрони кунунӣ будданаш дарак медиҳад. Дар рӯи он номи Набанва ё Набун сабт ёфтааст, ки бо номи вавилонии Набонид шабеҳӣ дорад.

П. Бернар: — Пештар man ба экспедитсияи муштараки ӯзбекистониву фаронсавӣ дар димнаи Афросиёб (Самарқанд) сарварӣ кардаам. Алҳол дар Афғонистон тадқиқот пеш мебарам ва гузорам ба Тошканд афтод.

Кампиртеппа ёдгории нодир буда, ҳар сол ба кашф гардидани бозёфтҳо ва дурдонаҳои аҳамияти ҷаҳонӣ дошта хотири ҳамагонро шод мегардонад. Қисми зиёди онҳо ҳамтое надоранд.

Аз ҳама пурарзишаш ҳамин аст ки дар маҳали мазкур тадқиқотҳои ҳафриётӣ бо дарачаи баланди касбӣ, ҳамчониба тадқиқ кардани маводҳои ёфтгардидаи мансуби қабату табақаҳои маданӣ пеш бурда мешавад. Махсусан ёфт гардидани мачмӯи чизу чораи мансуби фарҳанги моддиву бадеӣ, ҳамчунин сохтмонҳои давраи гузариш аз айёми забткорӣ ва ҳукмронии Искандари Мақдунӣ то селевкиён ва шоҳони юнону бохтарӣ шаҳрошӯб мебошанд. Қабати мазкур ва маводҳо ба ҳамин микдор танҳо дар ҳамин маҳал ёфт гардидаанд. Аз ин рӯ, тадқиқотҳои мазкур ва рӯи чопро диданиҳо натиҷаҳои он барои илми ҷаҳонӣ аҳамияти махсус касб меҳонанд.

Дар ин ҷо бори аввал дар ҳудуди Бохтар маводҳое ёфт гардид, ки барои минтақаҳои ҷанубӣ хос -Парфия ва Марғинон ва ғайра мансубанд. Аз он ҷумла расмҳое, ки донаи гандум, дарахти ҳаёт, баргҳои дарахтони гуногунанд, аҳамияти калон доранд.

Тангаҳое, ҳам ёфт шуданд, ки ба давраи ҳукмронии шоҳи юнону бохтарӣ Гелиокла мансубанду дар он Зевс бо ҳуҷоб, ё ҳуд Гаримед ба мурғобӣ акс ёфтаанд. Баробари ин ду тангаи ҳаҷмашон калон ва вазнашон 16 граммӣ ҳам ба ҷумлаи нигоранд нодир мансубанд, ки онро олимон тангаҳои биринҷии Евкратид ном мебаранд.

Умуман man мехостам ҳамкорони ӯзбекистонии ҳудро бо бозёфти калон дар олами ҳафриётшиносӣ, пеш аз ҳама дӯстам Эдвард Ртвеладзеро, ки на танҳо соҳиби ақли ҷомусӣ, балки «бели тиллой» - ро ҳам аст, барои дарёфти чунин ёдгориҳои шаҳрошӯби маданияти моддӣ ва бадеӣ имконият медиҳад, аз самими ҷалб муборакбод намоям.

Сӯҳбаторо
Сергей САВЧУК—ҚУРБОНОВ,
номзади илми таърих,
ҳафриётшинос.

Ёди азизи марди шариф

Вақте ки синну соламон ба чое расид шояд он вақт бештар ба рӯзгори сипариамон мутаваҷҷеҳ шавем. Он вақт саросема ба пас нигарем. Кӯлбори умрамонро таку рӯ кунем ва аз кардаҳову ёфтаҳомон шод шавему аз он чӣ аз даст додаем, ҳасрат хӯрем. Саодатмандтарини одамон касоне ҳастанд, ки нақди вақтро аз даст надодаанд, аз рӯзгори пуртавони ҷавонӣ то ба пирӣ қадри вақт ва қадри ҳунар шинохтаанд, ки ин кор ба онҳо иқбол овардааст. Камина боифтихор мегӯям, ки ҳамин гуна иқболи баланд ба устоди мӯҳтарами мо, донишманди маъруфи адабиёт Раҳим Муқимов даст додааст. Ин марди адабу фарҳанг, ки ҳам қадри вақт ва ҳам ҳунарро аз рӯзгори ҷавонӣ сахт шинохта буд, бо заҳмати дӯшвор, вале пурифтихор дар канори ҳунар ҷовидон қадам зад.

Ошноии man бо ин марди фидокори илму адаб солҳои донишҷӯӣ шурӯъ шуда буд. Ин ҳодиса тавассути матбуот сурат гирифт. Ҳамон рӯзҳо дониста будам, ки ӯ муаллифи шеърҳои «Салом, Пушкин», «Диёри гулгун» ва чандин шеърҳои лирикию достони «Афсонаи Севан» ва ғайраҳост. Баъдтар ҳикояҳои ӯ «Тӯи бемаҳал», «Саринженер» ва дигар навиштаҳояшро бо шавқ ҳондам. Солҳо баъд вақте ки бо умқи эҷодиёти он кас амиқтар шинос шудам, бештар шефтаи пуртоқатӣ, заҳматписандӣ ва фидокории эшон гардидам.

Солиҳои кору зиндагии мардони ҳунар саҳнаҳои бардоштҳои пурмоя аз дарахти тановари зиндагист. Дар ин бора меандешаму ба ёд меоварам. Соли 1964 нахустин бор бо ин марди шариф рӯ ба рӯ шудам. Он вақт хеле ҷавон буданд. Бо қадаммонии устувор, чеҳраи пурнур, мӯйҳои ҷингила, ки таносуби хуше бо симояш дошт, суханронии фасеҳ, дилчӯиву дилпурсӣ диққати маро беш ба ҳуд ҷалб мекард. То курсҳои чорум ва панҷуми донишгоҳ man гоҳо устодро дар факултаи онвақтаи филологияи ӯзбеку тоҷик, ки ҳамон вақт донишҷӯ будам, ҳангоми сухангӯӣ ба устодон ва шогирдони донишгоҳ медидам. Вале унсияти маънавии man бо он кас бевосита аз курси панҷум шурӯъ шуд.

Домуллои мӯҳтарам ба мо, толибилмон, аз боби адабиёти халқҳои шӯравии собиқ дарс мегуфтанд. Шояд душвории заҳмати домуллоро он вақт ҳеҷ кадоме аз мо тасаввур намекардем. Баъдтар вақте тақдир маро бо илми адабиёт ба ҳамешагӣ пайваст, донистам, ки он солҳо Раҳим Раҷабович чӣ заҳматро пушти сар кардааанд. Он рӯзгор дар мачмӯъ оиди таълими ин фан дастур ва китобҳои дарсӣ ба қадри кофӣ набуд. Он чӣ Домулло ба мо шогирдон меомӯзонд, танҳо маҳсули ҷустучӯ, омӯзиш ва хулосабардориҳои худашон буд, ки мо аз онҳо фаровон баҳра бардоштаем.

Вақте сухан аз оғози фаъолияти домулло рафт, мо бояд дар ёд дошта бошем, ки он кас аз оғоз то ба охир барои факулта ҷонсипор буданд. Ҳамчун яке аз поягузорони шӯъбаи тоҷикӣ ва факулта мо бояд ба қадри хидматҳои он кас расем ва сипосгузор бошем.

Домулло на фақат дар роҳи таълими адабиёти ӯзбеку тоҷик саъйи беҳад кардаанд, балки барои ташкили муҳити илмӣ ва ба роҳ андохтани равишҳои судманди омӯзиши адабиёт, усулҳои таълими он, ҷалби мутахассисон ва ғайра фарсудааанд.

Донишманди арҷманд Раҳим Муқимов фаъолияти илмии хешро солҳои тӯлонӣ дар атрофи мушкилоти илмии робитаи адабиётҳо ва таъсири мутақобили онҳо мутамарказ сохт ва бешак, мо Домуллоро ҳамчун яке аз поягузорони адабиётшиносии муқоисавӣ бояд бишиносем ва эътироф кунем.

Раҳимака дар боби пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек тадқиқотҳои фаровоне ба анҷом расонида, дар таблиғи афкори зиндагисозии намояндагони ин ду адабиёт хизмати шоиста кардааст. Мо мақолаҳои пурарзиши он касро дар заминаи осори устод Айнӣ, махсусан мавқеи ҳаҷв дар насри устод аз ёд набурдаем. Ҷилдҳои китоби пурарзиши «Ҷашннома»-и Айниро, ки солҳои мухталиф нашр шудааанд, рӯи даст мегирам. Мебинам китобҳо пир ва фарсуда шудаанд, вале чун дар баъзе аз ҷилдҳои он мақолаҳои домуллоро мебинам ва такрор мехонам, мебинам, ки бо вучуди ҳамагуна таҷдиди назарҳо ба адабиёт, андешаҳои домулло тозаву судманданд. Ба ифодаи дигар, консепсия, ки домулло дар таҳқиқи мероси адабӣ, хоса адабиёти муосир рӯи даст гирифта буд, асоси комили илмӣ дошт ва дар бештарини ҳол аз чорчӯбаи интихобшуда ва фармудаи сиёсӣ озод буд. Чунин мавқеияти илмии ӯро мо дар тадқиқи мушкилоти илмии ҳам адабиёти тоҷик ва ҳам дигар халқҳо, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, Қафқоз, халқҳои славяни шарқӣ, Молдова ва соҳили Балтика равшан мебинем.

Дар ин замина бояд таъкид кунам, ки тамоми фаъолияти эҷодии домулло, васфи ғояҳои олии инсондӯстӣ, эҳтиром овардан ба арзишҳои маънавию ахлоқии башарӣ буда, дар ин равиш ӯ на фақат пайгири фикри устод Айнӣ барин шахсияти тавоно буд, балки аз файзи сӯҳбат ва маънавияти устод бевосита баҳраманд низ гардидааст ва ҳудро шогирд домулло Айнӣ медонист. Ҳамчунон ки хидматҳо ва мероси Айнӣ миёни ӯзбекону тоҷикон муштарак аст, Раҳим Муқимов низ дар роҳи таблиғ ва таҳқиқи мероси адабии ин ду халқ муштарак заҳмат кашидааст.

(Давомаш дар сах.4)

Ба таҳсил — ба ИМА

Ба туфайли истиқлолият на танҳо ба омӯзгорону донишҷӯёни мактабҳои олӣ, балки мактаббачагон ҳам имконияти дар муассисаҳои таълими беҳтарини хориҷ таҳсил гирифтан фароҳам омад. Инак, қариб 40 нафар ҳонандагони синфҳои болои Андиҷон дар мактабҳои Амрико як сол таҳсил гирифтанд.

— Хостагирии ҳарсола оид ба хатти АКСЕЛС торафт оммавӣ мегардад, — мегӯяд мудири шӯъбаи байналхалқии раёсати маорифи халқи вилояти Андиҷон Анварҷон Мамаҷонов. — Дар хостагирии имсола қариб 1000 нафар довталабон иштирок карданд. Аз рӯи се марҳала хонандагони беҳтарини синфҳои болоӣ хоста гирифта шуд. Дар рӯзҳои наздик аз Вашингтон ҷавоб мегирем. Аз рӯи натиҷаҳои тестҳои соли гузашта дар мактабҳои ИМА панҷ нафар намояндаи вилояти Андиҷон таҳсил мегиранд.

Гузарҳои маҳаллаҳо

Ба му

Забон ва замон

(Аввалаш дар саҳ.3).

Он замон, тавре мегӯянд, сиёсат аз иқтисодиёт болотар буд. Амри «боло» воҷиб буд. Ходимони рӯзнома дар ҳама тадбирҳои ба тоҷикон алоқадор буда ба фаъолӣ иштирок мекарданд. Вақти обуна ҳама ба ин кор сафарбар буд. Акнун чӣ? Амрфармои нест. Гӯё ҳама чиз дар дасти худамон. Аммо «худамон» чӣ кардем? — Ҳеҷ! Охир агар обуначиён зиёд шаванду рӯзнома иқтидор пайдо кунад, панҷрӯза ҳам шуданаш мумкин. Барои ин мо—рӯзноманигорон, муаллимони худогоҳ, забондӯстон онро дастгирӣ бояд кунем. Забонашро, ки ба ивази меҳнату азоб равону ҳамафаҳм кардааанд, бояд дастраси умум, ҳамафаҳм намоем. На мураккабу душворфаҳм, тавре, ки баъзеҳо ин ақидаро (ба мисли Ҷаббори Ҷаббор) пеш мебаранд!

Дар мавриди пастии сатҳи забондонӣ. Ноқис будани усули таълиму грамматикаро «русиасос» сабаб нишон додан, инчунин ғалат аст.1. Барои ин ки забони мо ба гуруҳи забонҳои ҳинду урупӣ шомиланд. 2. Ба Росторгуева, Розенфелдҳо (Болдырев, Бартолд, Брагинский низ) ки дар илми мо тадқиқоти пурарзишу бебаҳо кардааанд, бояд изҳори ташаккур намоем. «Грамматика»-и Росторгуева «русиасос» гуфтан, куллан беасос аст. Чунки онҳо ҳамеша бо маслиҳату машварати устод Айнӣ, Б.Ғафуров, М.Шакурӣ, Бузургзода, Деҳотӣ, А.Мирзоев, Р.Ҳошим кор мекарданд. Бисёр адабиёти моро хондааанд. 3. «Қонуни забони тоҷикӣ» ба номи худ шаҳодат аз он медиҳад, ки марбути дигар чумҳурист, аз ин ваҳҳ низ ин гуна таклифҳо қодир ба дигар сохтани он «бинои» мӯҳташаме, ки зербиноҳои бузургон гузоштааанд, намебошад.

Ҳукумат. Рӯзнома. Рӯзномахон.

«Овози тоҷик» рӯзномаи Олӣ Маҷлис ва Девони Вазирони Ӯзбекистон, яъне дар васояти Ҳукумат қарор дорад. Тавре, ки медонед, ҳамагӣ ба се ҳазор нусха чоп мешавад. Қисми асосии ҳарҷу сарфи ин идорааро ҳукумат медиҳад. Ҳукумат дар ҷавоб аз рӯзнома чӣ мехоҳад? Ҳам ҳукумат ва ҳам он се ҳазор нафаре, ки пул дода ба он обуна шудааанд, мехоҳанд, ки рабобити тоҷикони Ӯзбекистон бо Ҳукумат наздик бошад. Зеро он оинаи ҳаёт мебошад. Халқ дар вақташ аз тадбирҳои Ҳукумат, Қарору фармонҳо огоҳӣ ёфта, бахри ичрои он сафарбар гардад. Дар саҳифаҳои он воқеаҳои дохилӣ ва беруни кишвар бояд иҳъикос ёбанд. Барои ин, ки ҳама он, чи Ҳукумат ва халқ дар зиммаи «Овози тоҷик» гузоштааст, рӯи об бароянд, моро— ҳам ходимони рӯзнома ва ҳам мухбирони онро лозим аст, ки тамоми мақолаю тарҷимаҳои дар он дарҷмешударо ба забони равону фаҳмо, содда, ба шакли зебою дилпазир пешкаш гарданд.

Пешниҳодоти Шумо, мӯҳтарам Ҷаббори Ҷаббор ба ин талабот низ хилоф аст. Ҳамчунин масъулият: ба услуби соддабаёнӣ нишонрас ва хоно пешкаг гардонидани маводи табъ дар назди тамоми матбуоти олам қарор дорад. Мо аз он дар канор буда наметавонем.

Саҷда бар Худост, на бар хонаи Худо

Дар «Дурр-ул-маҷолис»-и Сайф Зафари Бухорои Ҳикояте ҳаст, ки аз ҷумла дар он овардааанд: агар туро фармудем, ки Одамро (ин нидо ба шайтон будааст—М.О) саҷда кун, аммо ҳақиқат саҷдарост, на Одамро ва мақсад аз ин саҷда тоат ва фармонбардории ту буд ва ту ба ҷӯй наёвардӣ. Аз чиҳати Одами хокӣ туро аз дари худ бирондам. Бас, эй малъун, туро, ки фармудаем, ин хокиёнро ҳам фармон додем, ки дар Каъба ва дар масҷид равед ва саҷда кунед. Ҳеҷ яке аз эшон нагуфтанд, ки Каъба ва масҷид аз сангу гил аст. Пас, мо сангу гилро саҷда кунем, ки туро дар миёна намебинем. Эшон ба таҳқиқ донистанд, ки саҷда парвардигори марост, на Каъбаву масҷидро. Зеро: он саҷда бар Худост, на бар хонаи Худост.

Ин матн ба ду маънӣ намуна овардем. 1. Матн, ғарчанд дар мавзӯи хоси динист, аз калимаю ифодаҳои мураккаби арабӣ холист. 2. Он маънӣ дар он нуҳуфта, ки «мақсад аз тушбера хӯрдан, ин ғӯшт хӯрдан аст» . Билохир, он маънӣ ҳам ниҳон, ки мавзӯъ барои кӣ пешбинӣ мешавад, хонандааш кист? —Албатта халқ. Аз ин рӯ ниҳоят содда баён ёфтааст. То нишони муаллиф ба ҳадаф бирасад.

Яъне:«санъат барои санъат» набуда, он барои халқ аст. Навиштаҳо дар матбуот аз ин мустасно нест. Ҳар мактабхон, донишомӯзе, ки забони адабии тоҷикиро мувофиқи қоидаю қонунҳои мавҷуда азбар намояд, бе ҳеҷ душворӣ бо ҳамзабонҳои афгониву эронӣ дар муколама ва муфоҳама буда метавонад.

Чакидае аз саргузашт

... Соли 1985. Он вақт Афғонистон ноором, ҷанг мерафт. Аммо дар матбуот ин мавзӯъ равшан иҳъикос намешуд. Ва мехондем, ки дар ҳама ҷо лашкари Шӯравиро аҳолии Афғонистон хуб пазируфтаю дӯсташ медорад.

Комплеси Ирригатсионии Ҷалолобод, ки дар водии Нангарҳор ба кӯмаку ҳамкории мутахассисони советӣ ва Ӯзбекистон бунёд шудааст аз боғоти цитрус ва зайтун ҳосили фаровон ба даст меовард. Он ҷо ҳариб 200 нафар мутахассисин (асосан аз Ӯзбекистон) вазифа доштааанд. Аз ҷумла мувофиқи қарордод дах тарҷимон кор мекардааанд. Лекин ин гуна соҳибкасбон каманд. Махсусан тарҷимони пуртаҷриба даркор шудааст. Маро ба КМ ПК Ӯзбекистон, ки ҷилави Ҳукумат дар дасти ин идора буд, даъват карданд. Масъули шӯъбаи хоричӣ Р.Самонов маро маслиҳат дод, ки ба он Комплес дар вазифаи «сартарҷимон» ба кор равам. Маслиҳат додани ҳар як ходими ин идора баробари фармон буд. Ва ман розӣ шудам.

Арафаи иди Октябр буд. Аз Маскав низ як гуруҳ меҳмонон, бо раҳбарии Вазири Ҳоҷагии оби СССР дар Кобул будааанд. Худи ҳамон рӯз ҳама меҳмонон, худи ман ҳам дар ҷумлаи онҳо, ба Ҷалолобод омадем. Сафирон вазирон, волии шаҳру вилоятро дар шаҳраки Самарҳел расман қабул карданд. Баъд ҳама ба клуби моломоли одам омадем. Сармутахассиси советӣ дар ин муассиса, ки вазири собиқи Вазорати саноати маҳаллии Ӯзбекистон будааст, ба ин маҷлис бо маъруҳзаи асосӣ баромад доштааст. Чун тарҷимони сафир ҳаҷми «докладро» дид аз тарҷимонӣ гардан тофт. (рости ҳам тарҷимаи бевосита (синхронӣ), барболо дар мавзӯе, ки ба тарҷимон ошно набошад, кори сахтест. (Ин кори сангин ба зиммаи ман афтид).Нотиқ ҳариб як соат навиштаҳояшро, бо иқтибосҳо аз Ленину Начибулло мехонду ман онро ба обу арақ ғӯтида тарҷима мекардам. Зали калон. Пур аз одам. Дар байни онҳо бисёр тарҷимону мутахассисони шинос (аз ҷумла шарикдарси собиқам Ҳаитбой Нарзуллоеви самарқандӣ, номзади илм—Исҳоқхон Носиров, ки ҳоло дар Институти Ангрен устод аст) менишастанд...

Баъзе ифодаю ибора ва иқтибосҳо табиист, ки дар чунин маврид сарфи назар шуданд. Аммо ман дар дарёфти муродифи як калимаи оддию маъмули русӣ «победа», ки мебоист «пирӯзӣ» мегуфтам, банд мондам. Ба ҷои вай то ба охир ба даҳанаи тоҷикии худӣ: «ғалаба» меомаду ман ҳам бодо бод «ғалаба» гуфтан гирифтам. Гумон мебурдам, ки ҳамин чиз ночаслан баромад, одамон чи фикр карданд?

Аз минбар фаромадан баробар Президенти Комплес доктор Эхлос, ки марди фозиле буд ва русиро нағз медонист, дастони маро фишурда «офарин» хонд. Баъд, Нарзуллоев ҳам «тарҷима бисёр» аъло буд»— гуфт. Маълум шуд, ки «ғалаба»-и хоси тоҷикӣ ба афғонҳо ҳам «худӣ» будааст.

Муҳит ва забон

Ин ҳар се мафҳум ба ҳам робитаи мустаҳкам доранд. Ҳар як забон, қатъи назар аз он, ки дар кадом макон арзи ҳастӣ менамояд аз сиёсати он давру замон берун буда наметавонад. Гоҳ «босамару» гоҳо бе самар таъсире менамояд. Ин ҳолати табиист, ки пешрафти ҳаёт инсоният, забонҳоро ба он водор месозад.

Дар мавриди тозагии забон, пос доштани қоидаю қонуниятҳои он талоши соҳибзабонҳо низ амри табиист. Чунки пироҳани худӣ бар тани кас часпону зеботар аст.

Сарфи назар аз ин, таъсири замон дар ҳудуди макон вобаста ба имконияти он хоҳад буд. Агар маҳфуми «макон» - ро ба маъноии пурраaш пеши назар биоварем, ба осонӣ пай мебарем, ки умумият ҳаст.

Дар Афғонистоне, ки сиёсат ба дин (ва муддатҳо чилави он дар дасти бегонагон буд) пайваст мебошаду мардумаш парҳез кор, инчунин ғайризабонҳоро ҳам намепарастанд, «қочоқ» моли «қочоқӣ», паспорт, петрул, бензин, автомат (Калашников), транспорт, почта, стешан (стансия) культур, адрес... мегуянду менависанд. Маҳфумҳои «террор» ва «терроризм» ҳаммонанди он амал ба ҳамаи забонҳо якранг ворид гардид, ки ҳеҷ кас пушти тарҷимаи он нашуду нахоҳад шуд, ки мафоде аз он нест.

Нек назар афканем тамоми олам ба нияти наздик шудан ба ҳамдигаранд. Гирдиҳамоии намонядагони мамлакатҳои дунё дар ҷамъомади Давос, ки мунтазам барпо мешавад, аз «глобализатсия» хабар медиҳад...

Дар чунин як шароите дар «Овози тоҷик», дар Ӯзбекистон, кӯшишҳои мураккабгардонии забон боз як навъ маҳдуд сохтани худ хоҳад буд. Ба ҷои ин агар мо ҳар қадар забони рӯзномаро равону оммафаҳм замоназеб гардонем, зарар нахоҳем дид. Аз таъбу нашрияҳои дар ин забон пайдошуда мо бояд биболем. На ин, ки бо баҳонаҳои ночизу беарзиш танқид карда онро бугӣ ва маҳв намоем.

Забони халқӣ (на арабию дигар забонҳо) манбаи инкишофи забон буду бояд монад, то ки забон ба соҳибаш хидмат ба ҷо оварад.

Дар ҳаёт мунтазам, пешравию навигариҳо содир мешаванд. Техникаҳои нав ба нав пайдо мешаванд. Навъҳои ҷадиди ашё, хизматрасонӣ ба миён меоянд. Ҳар як чизи наве, ки дар ягон макон тавлид шавад (мисли волидайн ба фарзанд) ба он ном мегузоранд. Ва он ҷисм бо исмаш якҷо меравад. Ҳамин тавр «рентген», компютер, поезд, стансия(ҳо), автостансия, поликлиника, профилактория, ресторан, афиша, геолог, институт, сейф, техникум литсей, коллеҷ, музей), дар радифи он суду прокуратура ба ҳаёт ва забони мо сар халониданд, ки аз он ҷои гурез нест.

Пӯшида нест, ки то ба ҳол баъзе истиллоҳот дар забони мардум дигару дар забони китобӣ (матбуот) дигар мемонанд. Ва наҳама он тарҷимаҳое, ки мо пешниҳод кардаем, онро соҳибзабонҳо — халқ пазируфт.

Мо дар матбуот «шӯъбаи алоқа» нависем, одамон «почта» мегӯянд. Ба ҳамин монанд: откритка, бандерол, ГЭС, ГРЭС, справка, характеристика, газетаю журнал, папкаю баллон, профилакторияву санатория ва курорт, сессияву стипендия акту директор, болту гайка, философ, геолог, билет ва ғайра (гоҳан бо камтарак тиғироти шаклӣ) дар муомила ва муҳокимаи одамонанд. Фаромӯш набояд кард, ки соҳиби забон халқ аст, пас, он чи вай пазирад, ҳоҳу нохоҳ, зуд ё дер он дар забони хат низ мавқеҳ хоҳад ёфт. Зӯр ба зӯраки луғат пай зада тарҷима кардани баъзе истилоҳот ҳаргиз ба манфиати рӯзнома ва рузномахон намешавад.

Барои намуна овардан ва исботи ин фикр як ручӯъ дар ҳудуди мавзӯи дар маркази диққат қарор ёфта. Вақте, ки мо дар матбуот муҳаррир, мусаҳҳеҳ, рӯзнома, мақалла, ҷарроҳ, шифохона, тасдиқнома (ба ивази справка) боғчаи кӯдакон ва ба ҳамин монанд истиллоҳҳоро (ки муҳовара буд, ҳаспон мебарояд. Ҳангоми баъзе истиллоҳотро тарҷима карда оврад, хонанда ба иштибоҳ меафтад, саргаранг хоҳад шуд. Мана, мисол: «эпидстансия» - ро фаразан «маркази эпидемиологӣ биоварем, «табелчи» - ро ҳисобчи нависем, бори маънӣ ба зӯр мекашанд. Чунки «стансия» барои ифодаи ҷои исти поезд, автомобилҳо, энергияи электрӣ,.. низ дар ҳизмат аст. Ҳамчунин «ҳисобчӣ» — гуфтан ҳамон, «бухгалтер» пеши назар хоҳад омад. Ин ҳам дардҳои бадармонанд. Ба инаш чӣ хоҳед гуфт: агар шумо дар саҳифаи рӯзнома истиллоҳе, ё ибораеро хонеду онро нафаҳмед ва аз ягон луғат ҳам пайдо нашавад... Ин амал ғайри дилсардии рӯзномахон дигар чизе бор нахоҳад вард. Барболо, чунин тарҷимаи ноҳинҷор, кори носавоб аз ҷониби онҳое содир шавад,ки дар ҳама ҷо худро «ҷонсӯзи забон» ҷилва диҳанду қаламаш» баҳри таҳрири дигарон ҳамеша тез ва тайёр аст. Ҳамин тариқ дар байни як мақолаи калони бо суратҳо оро ёфтае ба ин ифодаи бӯлаҷаб рӯ ба рӯ шудам: «отити ғӯши васат» (?!) Инро хонда ман ҳам мисли баъзеи шумо ангушти ҳайрат ба дандони надомат гаизда будам, Магар инсон се ғӯш дорад, ки ӯ «...ғӯши васат» гуфта? муаллиф «воспаление среднего уха» - ро чунин тарҷима кардааст.

Дар ҳамон матн «холигоҳи нағора» (ва чанд фиодаи ачибу ғариб) низ чоп шуда, буд, ки ба назари ман духтур, қаҳрамони «асар» ба муаллиф «ушное раковина» шояд гуфта бошад. (Барои ин, ки ғап асос ёбад, нигаред ба шуморае, ки дар таъриҳи 26. Х11.2001 аз нашр баомадааст.)

Ҳар як иншо, навишта набояд барои сиёҳ кардани коғаз бояд бошад. Ҳамаи он бояд ба халқ хизмат кунад, содда, равон, фаҳмо будаанаш ҳам ба рӯзномаю рӯзномахонон, ҳам ба халқу ҳам ба ҳукумат маъқул. Барои ин мегӯем: мушкилписандӣ, мураккабнависиро ҳеҷ кас намеписандад. Бедил кайҳо мурдаву бедилхонҳо ниҳоят каманд. Беҳтараш «Овози тоҷик» - и худро обод кунем.

Маъруфи ОТАХОНЗОДА.



Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо

Ҳамоҳангии назарияву амалия

Маълум аст, ки алҳол марҳалаи дуюми ба рӯи об баровардани Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо давом дорад, ки асосии онро сифатнокии таълиму тарбия ташкил медиҳад. Дар ин бобат дар низоми таълими ноҳияи Тайлоқи вилояти Самарқанд ҳам корҳои муайяне ба ичро расида, ба рушди таълим, гирифтани дониши пухта ва ҷонибдории муҳассилин дар бобати интихоби касб диққату эътибори калон дода мешавад. Ҳоли ҳозир дар 54 мактаби ноҳия беш аз 40 ҳазор нафар хонанда таълиму тарбия мегиранд.

Махсусан корҳои таълим дар мактабҳои рақамҳои 6, 9, 11, 22, 29 хуб ба роҳ монда шудааст. Дар мактаби рақами 29-уми ба номи Абдулло Қодирӣ «фарҳангистони хурд» созмон ёфта, дар он муҳассилин асрори фанҳои физика ва риёзиёт-ро амиқ аз бар мекунанд. Ҳар як синфхона бо ҷиҳозоти зарурӣ муҷаҳҳаз. Ба хонандагон баробари андӯхтани дониш барои аз бар кардани сирру асрори касби мухталиф ҳам кулли шароитро фароҳам овардааанд. Гармхонаи мактаб барои аз нигоҳи иқтисодӣ кӯмак расондан даст медиҳад.

Дар сурат: *омӯзгори фанни биология* ***Гулмира Ғайбиева*** *бо хонандагон* ***Мафтуна Имомова, Озода Умирова*** *дар гармхонаи мактаби мазкур.*

Матн ва сурати Тоҳир НОРҚУЛОВ (ЎзА).

Осорхонаи Тӯхтахон Раҳимова

Дар деҳаи Шӯркурғони ноҳияи Намангони вилояти Намангон Тӯхтахон Раҳимова ҳаёт ба сар мебарад, ки ӯро ҳамагон «ая» гӯён ном мебаранд. Ва «ая» ба ҳамдеҳагон маъниии ҳам омӯзгору ҳам модарро медиҳаду бесабаб нест. Тӯхтахон аз пайроҳаи падару модари худ Муҳаммадкаримака ва Турсуноймомо қадам партофта, кам нашуд. Касби волидонро интихоб намуда, алҳол ҳамчун зани ҳалиму меҳрубон, модари мушфиқ ва ғамхори ҳамдеҳагон ном баровардааст. Ӯ алҳол дар мактаби рақами ҳаштум дарс мегӯяд ва ба фаъолияти омузгорӣ шурӯъ карданаш ҳам беш аз чил сол шудааст.

Дар бадали фаъолияти меҳнатии худ ӯ бисёр корҳоро баробари омӯзгорӣ ба ичро расондааст. Наттоқӣ карда, фаъолияти радиоузели маҳаллиро ба роҳ мондааст, таъриху фарҳанги қадимаи халқамонро тарғибу ташвиқ намудааст. Баробари ин соҳибистеъдодонро оварда, дастаи ҳунариро таҳти унвони «Хурсандӣ» созмон додааст, ки беш аз бист сол боз дар ҳизмат .

Вай баробари ин бисёр нигораҳо китобҳои нодир ва асбобу анҷоми қадимаро ҷамъ мекард ва яке аз рӯзҳо дар сараш ғояи созмон додани осорхонаи худӣ сар зад. Ҳамсараш ва духтараш кӯмак расонданд ва ҳаволи кӯҳнашон ба осорхона мубаддал ёфт. Алҳол осорхонаи мазкурро муоина карда, ангушти ҳайрат мегазед. Чунки нигораҳое маҳфузанд, ки арзиши бебаҳо доранд.

Осорхона аз се бахш иборат асту ба худ номи «Истиқлол»- ро гирифтааст. Дар бахши аввал чизу чораи қадима, минчумла суратҳо аз таъриҳи деҳа,шоҳмоту патефонҳо ҷойгир шудааст. Дар бораи қаҳрамонҳои даврон ҳам нақлу ҳикоятҳо ғун шудааанд.

Бахши дуюм санъати амалии халқӣ, либосу пойафзолро дар бар гирифтааст, ки солҳои 1880-1900 омода гардидааанд. Аз он ҷумла, лагани калони таъиноти оши палав, ки дар Сант- Петербург охири садаи Х1Х тайёр гардидааст, либосҳои қадимаи бонувони шарқ дар садаҳои ХУIII- ХIХ, фаранҷӣ, умуман дусад адад маҳфузанд, ки намуди хуб доранд.

Бахши сеюми осорхона китобҳоеанд, ки фахру ғурури Тӯхтахонапа мебошад. Масалан, китоби чорҷилди мусиқии миллии ӯзбек, ки ба қалами Юнус Рачабӣ мансуб аст, нашрҳои тоинқилобии уфагии асарҳои Алишери Навоӣ ва Заҳириддин Муҳаммад Бобурро дар осорхонаҳои номдор ҳам пайдо кардан душвор аст.

Тӯхтахонапа ин осорхонаро барои шӯҳрату обрӯву эътибор созмон надодааст. Меҳоҳад, ки фарзандон аз таъриихи худ, ниёгон бохабар гарданд, бо онҳо фахру ғурур кунанд ва донанд, ки онҳо авлодони ниёкони бузург мебошанд. Аз ин рӯ ба осорхонаи ӯ бештар хонандагони мактабҳо меоянд. Ва ҳамаи онҳоро Тӯхтахонапа чун фарзанду набераҳои худ пазируфта, ба онҳо дасти мадад дароз мекунад.

Дар бобати созмон додани осорхонаву ба роҳ мондани фаъолияти он касе, ташкилоте ба ӯ аз чиҳати моддӣ дасти мадад дароз накардааст. Танҳо истодагарӣ фидокории вай барои пешрафти кор мадад мерасонаду халос ва вазифаи муҳимтаринро худро ӯ дар тарбияи авлоди наврас дар рӯҳи меҳру муҳаббат нисбати Ватан медонад.

Т.МАҲКАМОВ.

Ёди азизи марди шариф

(Аввалаш дар саҳ.3).

Домулло усули хоси омӯзиш доштанд ва ҳангоми арзёбии масъалаҳои назарӣ, бевосита осори адибонро таҳлилу таҳриз мекарданд. Қабл аз санҷишҳо мо донишҷӯён бо супориши он кас мебоист панҷсад намунаи осори бадеиро хонда, аз санҷиши қаблиашон мегузаштем ва фақат баъд аз ичрои ин супориш ҳаҷ доштем вориди имтиҳон шавем. Имрӯз дар фаъолияти омӯзгориам аз ин тачрибаи домулло истифода карда, ба хулоса омадам, ки ин усул судманд ва самарабахш буда, дониши амалию назарии донишҷӯёнро мустаҳкам месозад.

Фаъолияти омӯзгории домулло, ки саршори ҷустуҷӯву кашфиётҳои усули таълим буд, бо ҷустуҷӯҳои амиқи илмиаш оиди таъриҳи адабиёт ҳамеша пайваст будааст. Дар заминаи таҳқиқи масъалаҳои муҳими таъриҳи адабиёт ӯ ба омӯзиш ва таҳқиқи ҳаҷв дар адабиёти ӯзбеку тоҷик кори шоистаеро анҷом дода буд, ки имрӯз низ арзишманд ба назар мерасад. Дар ин равиш ман рисолаҳои «Марҳилаҳои асосии тараққиёти ҳаҷви тоҷику ӯзбек», «Ҳаҷв дар эҷодиёти даҳонакии халқи ӯзбек» , «Муаммои ҳаҷв ва образҳои ҳаҷвӣ дар адабиёти классикии ӯзбеку тоҷик» ва беш аз дусад мақолаву гузоришоти ин марди пуркорро дар назар дорам.

Фаъолияти эҷодии домулло танҳо ба таҳқиқоти илмӣ маҳдуд намешавад. Ҳамчунон ки ишора кардем, он кас кори эҷодиро бо навиштани шеъру ҳикояҳо шурӯъ карда буданд ва то охир дар ин ҷода содиқ буданд. Дар радифи шеъру ҳикоя домулло намоишномаҳои ҷолибе дар мавзӯъҳои мухталиф таълиф кардаанд, ки «Алломаи Ҳуросон», «Як писару се падар», «Қиссаи бобо ё саргузашти бӯзина» аз ин қабиланд. Тарҷумаи бадеӣ низ аз оғоз то ба анҷом чӯзъи муҳими фаъолияти эҷодии домулло буд. Тарҷумаи асарҳои ҷолибе, монанди драмаҳои Маҳмадҳоҷаи Беҳбудӣ «Падаркуш», Сотим Улуғзода «Алломаи Адҳам» ва дигарон, романи Ҷ.Икромӣ ва Ҳ.Назаров «Саргузашти Сафармахсум», достони «Ҷони ширин»-и Мирзо Турсунзода ва ғайра ба қалами домулло тааллуқ доранд.

Маҳз ба шарофати хидматҳои илмиву адабӣ шодравон миёни аҳли адабу фарҳанги Ӯзбекистону Тоҷикистон маҳбубият доштанд. Агар гӯям, ки он кас меҳвари хатти иртиботи адибон буданд, ҳарфи ҳақро мегӯям. Зеро аҳли қаламе, ки ҳоҳ аз Тоҷикистон ва ё кишвари дигар шаҳри Самарқанд меомаданд, аввалқадам Раҳим Раҷҷабовичро меҷустанд.

Ёдам меояд, ки зимни шастсолагии Раҳим Раҷабович чӣ гуна бошукӯҳ гузашта буд. Дар ин маъракa Ҷалол Икромӣ, Муҳаммадҷон Шукуров, Расул Ҳодизода, Атахон Сайфуллоев ва дигарон иштирок карда, дар ҳаққи домулло ва хизматҳои ин кас суханҳои нек гуфтанд.

Як сол қабл аз вафоташон, баъди он ки аз Маскав бозгаштанд, аз домулло хоҳиш кардам, ки бо шогирдони факулта як вохӯрӣ ташкил кунем. Бо вучуди беморӣ ва ҷарроҳие, ки дар Маскав аз сар гузаронида буданд, хоҳиши маро қабул карданд. Вохӯрӣ ва гуфтугузор он рӯз ба донишҷӯёну устодони факулта басо судманд буд. Он вақт ҳеҷ кас гумон надошт, ки баъди фурсате домуллои арҷманди мо ин диёрро абадан тарк хоҳанд гуфт ва рӯҳашон бо рӯҳи гузаштагони шарафмандашон абадан пайванд мешавад.

Ҷумъакул ҲАМРОЕВ,
Устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишери Навоӣ, номзади илми филология, дотсент.

Турфа олам

Телевизори «гӯшдор»

Чунин телевизорро дар Итолиё ихтироъ кардааанд. Солҳои охир низоми хушсадоиҳиро дар телевизорҳо низ ба кор мебаранд. Вале онҳо ҳаҷман хурду якхелаанд ва барои сифати садоро бехтар кардан имкон надоранд, ки динамикҳои он аз ҳам дур гузошта шаванд. Ана барои ҳамин зебосозони ин соҳа ихтироеро ба кор бурданд: замоне, ки телевизиорро дар гироннанд, аз корпуси он динамикҳо боло мебароянд. Агар аз паҳлӯ назар кунед, он айнан ба ду гӯши заргӯш монандӣ доранд.

Шишаи ҷонсахт

Хатто бо болға шикастани шиша душвор аст. Шишаи мазкур маҳз барои мактабхонҳо ва толорҳои варзишӣ ихтироъ шудааст, чунки дар ин маҳалҳо хавфи тирезашиканӣ ҳамеша мавҷуд мебошад.

Ин шишаи ғайриоддӣ пластмассаи акрилии обутобёфтае мебошад, ки хеле шаффоф аст ва дер мепояд. Шиша кайҳо боз маълум буд, вале азбаски ранги он бо мурури вақт тағйир меёфт, онро кам истифода мебурданд.

Акнун кимёгарони ҷопонӣ пас аз тачрибаҳои чандинсола маҳлулеро дарёфтанд, ки он ба ин шиша умри зиёде мебахшад. Устувории шиша бошад, аз шишаҳои оддӣ 100 карат зиёдтар аст.

Робот дар девор қадам мезанад

Ба робот ин санъатро кормандони Пажӯҳишгоҳи масъалаҳои механикии ФУ Россия омӯзондааанд. Аввалин бор дар тачрибаи ҷаҳонӣ аз тарафи онҳо механизми ҳаракаткунандаи амудӣ, ки қобилияти вазнбардории он аз вазни худ ду карат зиёд аст, сохта шуд.

Робот ба кӯмаки асбобҳои вакумии бо чор по ҳаракат мекунад ва пои панҷуми ёридиҳандааш ҳангоми тоб хӯрдан ба кор меояд. Роботи мазкур аз пулти операторӣ бо кабел идора карда мешавад. Ёрдамчии навинро барои назорати пайвандҳои кафшершаванда ҳангоми сохтани киштиҳо, шустани тирезаҳои биноҳои баландошёна истифода бурдан мумкин аст.

Боз санъати ҳариб сиркмонанди ин роботро дар кучоҳое истифода намебаранд.

Акнун олимон дар ин бобат фикр доранд, ки роботи мазкур бе сим, дар масофаи муайян идора карда шавад.

Асрори табиат

Дар Осиёи Марказӣ олимон борҳо шоҳиди «сароидани» регҳо гардидааанд. Ва яке аз олимон Всеволод Роборский яке аз ин мавзеъҳоро тадқиқ намуда, ба он «кӯҳи регҳои сароянда—ном гузоштааст. Одамон назди регтеппа ҳангоми панҷрӯзагии моҳи панҷум, ки иди аждаҳо ҳисоб меёфтааст, баромада аз боло ба поён меғелидааанд. Регтеппа мисли раъд садо мебаровардааст.

Олимон низ садои зангӯлаи регҳоро назорат кардааанд, ки чӣ тавр ин садоҳо гоҳ баланду гоҳ паст мегарданд. Онҳо ба хулосае омадааанд, ки регҳои сароянда ва муқаррарӣ зоҳиран аз ҳамдигар фарқ намекунанд.

Олимон таҳти сарпарастии Роборский дар зарфҳои фӯлодӣ ва чинӣ, ки сахт пӯшида мешаванд, як миқдор регҳои сароянда-ро андохта, ба лаборатория овардааанд, то ки «истеъдод»-и онро бисанҷанд. Рег месароид, лекин на он қадар дароз. Аз чӣ бошад, ки хосияти асрорангезаш гум мешуду хомӯш мегашт. Лекин регро нағзакак тафсондан баробар, аз нав ба сурудан медаромад. Он дар зарфҳои чинӣ нисбат ба зарфҳои фӯлодӣ баландтар садо медод.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҳарорат ва хосияти ҳуди зарф нақши калон бозида, садоро баландтар мекардааст. Олиме аз кӯлӯлачаҳои шишагӣ реги сунъӣ тайёр карда, ба зарфҳои гуногун андохт ва он фақат дар зарфи чинӣ садо дод.

Ҳоло маълум аст, ки барои садо баровардани рег чи гуна шароитҳо лозим аст: рег бояд чун дар биёбон хушку тафсон бошад. Регҳо одатан дар рӯзҳои хеле гарм ё ин ки шабҳои ором, албатта, пас аз шамоли сахт ба зангӯлазанӣ медароянд, ҳамчунон ки вай бо Роборский рӯй дода буд. Маълум мешавад, ки дар ин лаҳза низ қувваи асосӣ гармо ва шамол мебошад. Шамол аз қуллаи регини теппаҳо реги маҳинро рӯфта, ҷамъ мекунад. Ҳамин ки бод бозистад, қабати болои рег поён мелағжад. Азбаски зери реги маҳин реги дурушт мавҷуд аст, онҳо ба ҳам совиш хӯрда, садои паст ва баланди ғиҷҷак пайдо мешавад. Баъзан регҳои нам низ, масалан, дар соҳилҳои Байкалу Днепропетровск садо мебароранд.

Лекин ҳанӯз асрори зангӯлазании регҳои пурра кушода нашудааст. Боварӣ дорем, ки он минбаъд кашф мегардаду аз сирру асрори навбатии табиат бохабар мегардем.

Ишқи бепосух

Канан—модабабри машҳури ҷангали мамнӯъгоҳи Нандиканани Орисо 21 июли соли 1976 вафот кард. Ҳамроҳаш муҳаббатро нисбати бабри Прадип, ки чанде пеш аз дунё чашм пӯшида буд, ба хок бурд. Соли 1965 Прадипро ба Нандиканан аз боғи ҳайвоноти Калкутта оварда буданд. Маҳбубаи вай модабабр Сикха шуд. Онҳоро гӯё барои якдигар офарида буданд. Аз рӯи гуфти хизматчиёни мамнӯъгоҳ чизе зиндагии осоиштаву хушҳолонаи онҳоро тира карда наметавонист. Аммо дод аз дасти «вале», ки ҳатто ба зиндагии бабрҳо низ халал расонда тавонист.

Бояд гуфт, ки мамнӯъгоҳи Нандиканан ҳудуди муайяне надошта, ба ҷангали нопайдоканор омехта шуда меравад. Маҳз аз он ҷо 4 январи соли 1967 модабабри ваҳшие омад. Оҷу фиғони ошиқонаи Прадипро шунида, модабабри ваҳшӣ аз панҷараи баланди оҳанин бо шаст ҷаҳида, худро ба паҳлӯи Прадип гирифт. Аммо Прадип ӯро қабул накард. Вай интизори Сикха буд.

Модабабри ваҳшӣ дар «асорат» монд. Онро Канан ном доданд. Вай бабри басо худсару мустақиле буд. Маъмурияти мамнӯъгоҳ барои зиёд шудани насли бабрҳо диққату эътибори махсусеро медиҳад. Бо ҳамин мақсад борҳо ба қафаси Канан бабрҳои зебои банғолиро сар доданд. Вале ягонтои он ба Канан ҷуръати наздик шудан надошт. Канан ҳар яке аз меҳмони нохондаро бо ғазаб пешвоз мегирифт. Танҳо нисбат ба Прадип меҳрубону қобил мешуд. Аммо Прадип дигареро, яъне Сикхаро «дӯст» медошт. Ҳамеша ба ӯ содиқ буд ва ҳангоме ки онҳоро дар муддати кӯтоҳ ҷудо мекарданд, Прадип азоби рӯҳӣ мекашид.

Ҳамин тавр, ҳар се-як бабру ду модабабр дар як ҷо зиндагӣ ба сар бурда, секунҷаи муҳаббатро ташкил медоданд. Чунин ҳодисаро, ки одатан ғайриоддӣ номбар карда мешавад, дар таъриҳи ҳаёти ҳайвонот то ҳол касе мушоҳида накардааст. Прадип соли 1976 пир шуда, мурд. Баъди ӯ насли зиёде монд. Сикха ба ин талофати вазнин тоб оварда натавонист. Вай аз хӯрок монд, бемор шуд. Дере нагузашта ӯро ҳам ба хок супурданд.

Канан чӣ? Солҳои охир қафаси ӯро дар шафати истиқоматгоҳи Сикхаву Прадип гузоштанд. Вай аз паси панҷара соатҳои дароз бо ҳасрат ба қафаси бабре менигарист, ки барои ӯ озодии хешро қурбон карда буд. Марги Прадип барои ӯ низ басо манҳус гардид. Канан низ бо ҳамин алам аз дунё гузашт.

—Наход, ки ин қиссаи ғамангез рост бошад,— мепурсанд тамошогарони бешумор.

—Рост аст,— гӯён кормандони ҷангали мамнӯъгоҳи мазкур сурати Прадип, Сикха ва Кананро нишон медиҳанд...

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олӣ Мажлиси ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г -138